# ПРОТОКОЛ ОИД БА ФЕҲРИСТҲОИ ПАРТОВҲО ВА ИНТҚОЛИ ИФЛОСКУНАНДАҲО

Тарафҳои Протоколи мазкур,

банди 9 моддаи 5 ва банди 2 моддаи 10 Конвенсияи соли 1998- ро оид ба дастрасӣ ба маълумот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрас будани адолати судӣ оид ба масоиле, ки ба муҳити зист вобаста аст (Конвенсияи Орхус) *ба асос гирифта,*

**феҳристи партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳоро** ҷиҳати баланд бардоштани ҳисоботдиҳии иттиҳодияҳо, кам намудани ифлосшавии муҳит ва мусоидат барои рушди устувор, чӣ тавре ки дар Эъломияи Лука, ки дар Маҷлиси машваратии нахустини Конвенсияи Орхус қабул гардида буд, *эътироф намуда,*

принсипи 10 Эъломияи соли 1992 Рио-де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушдро *ба назар гирифта,*

инчунин принсипу ӯҳдадорихои мутобиқкардашудае, ки дар Конференсияи соли 1992 Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва рушд, алалхусус, муқаррароти қисми 19 Рӯзнома барои асри XXI- ро *ба назар гирифта,*

Барномаи амалиёт оид ба татбиқи минбаъдаи Рӯзнома барои асри XXI- ро, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи нуҳуми махсуси он дар соли 1997 қабул гардида буд, ки алалхусус, ба афзудани иқтидор ва имконоти давлатҳо дар самти ҷамъ овардан, коркард ва паҳн намудани маълумот бо мақсади васеъ гардонидани дастрасии ҷомеа ба маълумот оид ба масоили глобалии экологӣ бо истифода бурдан аз воситаҳои дахлдор даъват менамояд, *ба маълумот гирифта,*

Нақшаи амалиётро оид ба татбиқи қарорхои Вохурии байналмилалӣ дар сатҳи олӣ оид ба рушди устувор дар соли 2002, ки даъват ба таъмин намудани маълумоти умумии ҷамъшуда ва мувофиқкардашуда оид ба маводи кимиёвӣ, масалан тавассути феҳристи партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳоро дар сатҳи миллӣ дар бар мегирад, *ба назар гирифта,*

натиҷаҳои кори Форуми байниҳукуматӣ оид ба амнияти кимиёвӣ, махсусан Эъломияи Баий оид ба амнияти кимиёвӣ, Афзалиятҳо ҷиҳати амалиёти баъди соли 2000 ва Нақшаи амалиёт оид ба феҳристи партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо / кадастри партовҳоро *ба назар гирифта,*

инчунин бо дарназардошти фаъолият дар чаҳорчӯбаи Барномаи байниташкилотӣ оид ба муносибати бехатар бо маводи кимиёвӣ,

бо дарназардошти минбаъд натиҷаҳои фаъолияти Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, алалхусус, тавсияи Шӯрои он дар хусуси ҷорӣ намудани феҳристи партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳоро, ки дар он Шӯро аз давлат аъзоҳо даъват менамояд, ки феҳристи партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳоро дар сатҳи миллӣ таъсис диҳад ва дастрасии ҷомеаро ба онҳо таъмин намояд,

ҷиҳати ташкили механизми амалигардонии ҳуқуқҳои ҳар шахс ва насли оянда барои зист дар муҳити зисти мусоид барои саломатӣ, ки тавассути ташкил намудани маълумоти экологии дастрас барои системаи ҷамъиятӣ мусоидат менамояд, кушиш ба харҷ дода,

инчунин ҳангоми ташкил ва такмили чунин системаҳо принсипҳое, ки ба рушди устувор мусоидат менамоянд, масалан муносибат дар асоси принсипи эҳтиёткорӣ, ки дар принсипи 15 Эъломияи соли 1992 Рио-де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушд баён шудааст, кушиш ба харҷ дода,

робитаи байни маълумоти ба ҳам мувофиқи системаи экологӣ ва татбиқи ҳуқуқҳоро, ки дар Конвенсияи Орхус омадааст, *эътироф намуда,*

зарурати ҳамкориро бо дигар ташаббусҳо, ки ба ифлоскунандаҳо ва партовҳо алоқаманданд, аз ҷумла Конвенсияи Стокголм оид ба ифлоскунандаҳои устувори органикӣ (соли 2001) ва Конвенсияи соли Базел оид ба назорат аз болои интиқоли байнисарҳадии партовҳои хатарнок ва нобуд сохтани онҳо (1989)-ро, *қайд намуда,*

мақсади муносибати ҳамаҷониба ҷиҳати кам кардани ифлосшавӣ ва ҳаҷми партовҳо, ки дар натиҷаи коркарди истеҳсолот ва дигар сарчашмаҳо ба вуҷуд омада, ки таъмини сатҳи баланди ҳифзи муҳити зист, пешбурд бо роҳи устувор ва инкишофи экологӣ, инчунин ҳифзи саломати насли ҳозира ва ояндаро дар бар мегирад, *эътироф намуда,*

ба муҳим будани феҳристи ифлоскунандаҳо ва интиқоли партовҳо чун асбоби аз ҷиҳати иктисодӣ самаранок ҷихати мусоидат намудан ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои экологӣ, ҷихати таъмини дастрасии ҷомеа ба маълумот оид ба партовҳои ифлоскунанда дар минтақаҳои ҷойгиршавии ҷамоатҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо ба чунин ҷамоатҳо тавассути чунин минтақаҳо, инчунин барои истифодабарии хукуматҳо ҳангоми ошкор намудани тамоюлҳо, намоиши инкишоф дар кору фаъолияти кам кардани ифлосшавӣ, назорат аз болои риоя намудани як қатор шартномаҳои байналмилалӣ, муқаррар намудани афзалиятҳо ва баҳодиҳии рушд, ки бо роҳи амалигардонии сиёсат ва барномаи экологӣ ба даст омадаанд, *эътироф намуда,*

бо дарназардошти он ки феҳристҳои ифлоскунандаҳо ва интиқоли партовҳо метавонанд истеҳсолотро бо манфиатҳои назаррас тавассути такмилдиҳии идоракунии ифлоскунандаҳо *таъмин намоянд,*

имконият ҷихати истифодабарии маълумот аз феҳристҳои ифлоскунандаҳо ва интиқоли партовҳо дар якҷоягӣ бо маълумоти тиббӣ, экологӣ, демографӣ, иктисодӣ ё дигар маълумоти дахлдор бо мақсади фаҳмиши амиқи масоили иқтидорӣ, ошкор намудани «нуктаҳои даргир», қабул намудани чораҳои пешгирикунанда ва тадбирҳо ҷихати бартараф намудани таъсири номусоид, инчунин муқаррар намудани афзалиятҳо дар соҳаи оқилона истифода бурдани муҳити зистро, *қайд намуда,*

аҳамияти таъмини махфият ҷихати мушобеҳсозӣ ё мушобеҳшавии ашхоси воқеӣ хангоми коркарди маълумот, ки барои феҳристҳои ифлоскунандаҳо ва интиқоли партовҳо мутобиқи санадҳои байналмилалии амалкунанда, вобаста ба ҳифзи маълумот пешниҳод мешаванд, *эътироф намуда,*

инчунин аҳамияти ташкил ва такмили системаҳои миллии феҳристҳои ифлоскунандаҳо ва интиқоли партовҳои дар сатҳи байналмилалӣ қиёспазирро ҷихати баланд бардоштани қиёспазирии маълумот, *эътироф намуда,*

бо дарназардошти он ки аксари давлатҳо - аъзои Комиссияи аврупоии иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷонибҳои шартномаи Америкои шимолӣ оид ба хариду фурӯши озод доир ба ҷамъ овардани маълумот вобаста ба партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо аз сарчашмаҳои гуногун ва таъмин намудани дастрасии ҷомеа ба ин маълумот тадбирҳои зарурӣ меандешанд, махсусан дар ин самт як қатор давлатҳо дар тӯли марҳилаи дуру дароз таҷрибаи арзишманд ҷамъ оварданд,

муносибатҳои гуногунро ҷихати амалигардонии феҳристҳои партовҳои вуҷуддошта ва зарурати канора гирифтан аз иҷрои такрории ин амал ва дар ин васила эътироф намудани зарурати таъмини дараҷаи фасеҳиро *қайд намуда,*

ба тадриҷан такмил додани феҳристҳои миллии ифлоскунандаҳо ва интиқоли партовҳо суботкорона *даъват намуда,*

инчунин барқарор намудани робитаҳои байни феҳристҳои миллии ифлоскунандаҳо ва интиқоли партовҳо ва системаи иттилоотии аз рӯйи дигар партовҳо, ки ташвиши ҷомеаро ба амал меоранд, *суботкорона даъват намуда,*

ба мувофиқаи зерин расиданд:

## Моддаи 1
## Мақсад

Мақсади Протоколи мазкур аз васеъ гардонидани дастрасии ҷомеа ба маълумот мутобиқи муқаррароти Протоколи мазкур тавассути таъсиси феҳристҳои умумимиллии партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳои мувофиққардашуда (ФПИИ) мебошад, ки ба иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарор оид ба масоиле, ки ба муҳити зист алоқаманд аст, инчунин ба пешгирӣ ва кам кардани ифлоскунандаҳои муҳити зист мусоидат менамояд.

## Моддаи 2
## Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Протоколи мазкур

1. «Тараф», агар дар матн чизи дигар ишора нашуда бошад, ба маънои давлат ё ташкилоти минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ омадааст, ки дар моддаи 24 зикр шудааст ва ҷиҳати пайвастан ба муқаррароти Протоколи мазкур розигии худро додаанд ва барои онҳо Протокол қувваи қонунӣ пайдо намудааст.
2. «Конвенсия» ба маънои Конвенсия оид ба дастрасӣ ба маълумот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрас будани адолати судӣ ба масоиле ки ба ҳифзи муҳити зист дахл доранд дар Орхус, Дания, 25 июни соли 1998 қабул шудааст, омадааст.

3. «Ҷомеа» маънои як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё якчанд чунин ашхос ва мутобиқи қонунгузорӣ ё амалияи миллӣ, иттиҳод, ташкилот ё гурӯҳи онҳоро дорад.

4. «Иншоот» маънои як ё якчанд дастгоҳ дар як қитъа ё қитъаҳои ҳамшафатро дорад, ки дар моликияти як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё аз тарафи ҳамон як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода бурда мешавад.

5. «Мақоми салоҳиятдор» ба маънои мақоми миллӣ ё мақомот ё дигар идораи салоҳиятдор омадааст, ки аз ҷониби Тараф ҷиҳати пешбурди системаи миллии феҳристҳои партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо таъин гардидааст.

6. «Ифлоскунанда» ба маънои модда ё гурӯҳи мавод омадааст, ки барои муҳити зист ва саломатии инсон бо хусусиятҳои худ ва дар натиҷаи пайдошавии онҳо дар муҳити зист хатарноканд.

7. «Партов» маънои ҳама гуна воридшавии ифлоскунандаҳо ба муҳити зист дар натиҷаи ягон фаъолияти антропогенӣ, новобаста аз он ки қасдона ё дар натиҷаи садама, нақшавӣ ё берун аз нақша, аз ҷумла ба қабати хок рехтан, эмиссия, баровардан, фишор оварда даровардан, нобуд сохтан ва партофтан ё тавассути системаи қубуру корезҳо бе тоза намудани ниҳоии обҳои ифлос ба амал меоянд, мебошад.

8. «Интиқоли берун аз қитъа» маънои ба ҷойи дигар гузаронидани ифлоскунандаҳо ва партовҳо, ки барои нобудсозӣ ё аз нав қобили истифода қарор додан, дар натиҷаи тозакунии дар иншоотҳои мазкур инчунин ифлоскунандаҳое, ки дар таркиби обҳои ифлос мавҷуданд, ки барои тозакунӣ равона шудааст омодааст.

9. «Манбаъҳои омехта» ин манбаъҳои зиёди хурд ва пароканда мебошанд, ки аз онҳо ифлоскунандаҳо ба замин, ҳаво ё об партофта мешаванд, таъсири манфии умумии онҳо ба муҳити зист калон буда, дар амал оид ба ҳар як чунин манбаи алоҳида тартиб додани ҳисобот ғайримақсад аст.

10. Истилоҳоти «миллӣ» ва «умумимиллӣ» нисбат ба ӯҳдадориҳо, ки мутобиқи Протоколи мазкур ба зиммаи Тарафҳо вогузошта мешавад, чун ташкилотҳои минтақавии якҷоякунии иқтисодӣ фаҳмида мешаванд, агар дар матн чизи дигар ишора нашуда бошад, чӣ тавре ки ба минтақаи мазкур тааллуқ дорад.

11. «Партовҳо» ба маънои мавод ё ашё омадаанд, ки:

а) нобуд ё аз нав ққобили истифода қарор дода мешаванд;

б) барои нобуд сохтан ё аз нав қобили истифода қарор додан пешбинӣ шудаанд; ё

в) мутобиқи муқаррароти қонунгузории миллӣ бояд нобуд ё аз нав қобили истифода қарор дода шаванд.

12. «Партовҳои хатарнок» маънои партовҳоеро доранд, ки мутобиқи қонунгузории миллӣ чун хатарнок донися шудаанд.

13. «Партовҳои боқимонда» партовҳое мебошанд, ки хатарнок нестанд.

14. «Обҳои ифлос» ин мутобиқи қонунгузории миллӣ истифодабарии обҳоеро, ки маводу ашё доранд ба танзим медарорад.

**Моддаи 3**
**Муқаррароти умумӣ**

1. Ҳар як Тараф бо мақсади иҷрои муқаррароти Протоколи мазкур қонунгузории зарурӣ ва дигар тадбирҳои ба танзим даровардани таъмини риояи онро қабул менамояд.
2. Муқаррароти Протоколи мазкур ба ҳуқуқҳои Тараф ҷиҳати бештар ворид ё хориҷ намудани дастрасии ҷомеа ба феҳристҳои партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо, назар ба он ки Протоколи мазкур талаб менамояд, дахолат намекунад.
3. Ҳар як Тараф ҷиҳати таъмини он, ки корманди иншоот ва намояндагони ҷомеа, ки ба мақомоти давлатӣ оид ба вайронкунии қонуни миллӣ ҷиҳати иҷрои Протоколи мазкур дар хусуси он ки аз ҷониби ин иншоот ё мақомоти давлатӣ барои амали содирнамуда ҷазо дода нашуд ё таъқибот бурда нашуд хабар медиҳанд, бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.
4. Ҳангоми иҷрои Протоколи мазкур ҳар як Тараф дар асоси принсипи эҳтиёткорӣ, ки дар принсипи 15 Эъломияи соли 1992 Рио-де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушд омадааст, чун дастур амал намояд.
5. Бо мақсади кам кардани такрори фаъолият ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи феҳристҳои партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо то ҳадди имкон бояд манбаъҳои маълумоти мавҷударо бо механизми пешниҳоди ҳисоботӣ, иҷозатнома ва рухсатномаҳо ҷиҳати истифодабарӣ якҷоя намуд.
6. Тарафҳо ҷиҳати наздик намудани феҳристҳои миллии партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо мекӯшанд.

**Моддаи 4**
**Унсурҳои асосии системаи феҳристҳои партовҳо**
**ва интиқоли ифлоскунандаҳо**

Мутобиқи Протоколи мазкур ҳар як Тараф феҳристҳои миллии партовҳо ва интиқоли

ифлоскунандаҳоро барои дастрасии ҷомеа тартиб ва ҷорӣ менамояд, ки:

а) дар тақсимкунӣ аз рӯи иншооти мушаххас ҳангоми ҳисоботдиҳии манбаъхои аниқ истифода бурда мешаванд;

б) маълумоте, ки манбаъҳои омехтаро дар бар мегирад;

в) дар мавридҳои дахлдор ҳангоми тақсимот аз рӯи ифлоскунандаҳои мушаххас ё аз рӯи партовҳои мушаххас истифода бурда мешаванд;

г) унсурҳои гуногуни муҳити зистро фаро мегирад ва байни партовҳо ба ҳаво, замин ва об тафриқа мегузорад;

д) маълумотро дар хусуси интиқолҳо дар бар мегирад;

е) ба ҳисоботдиҳии ҳатмӣ, ки дар давраи муайян пешниҳод мегардад, асос мегирад;

ж) маълумотҳои пешниҳодшавандаи стандартӣ ва саривақтӣ, шумораи маҳдуди нуқтаҳои стандартии ҳудудӣ барои пешниҳоди ҳисобот ва дар сурати мавҷуд будан, шумораи маҳдуди муқаррарот оид ба махфият;

з) мантиқан мунтазам ва муттасил бошад ва аз рӯи сохти худ бояд барои истифодабарон мусоид, инчунин барои ҷомеа дастрас бошад, аз ҷумла дар шакли электронӣ;

и) иштироки ҷомеаро дар ташкил ва тағйирдиҳии он пешбинӣ намояд;

к) махзани иттилоотии сохторӣ ва компютерӣ ё як қатор махзанҳои иттилоотии пайваста мебошад, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдор идора карда мешавад.

## Моддаи 5
## Ташкил ва сохтор

1. Ҳар як Тараф мекӯшад, то ин ки маълумоти дар феҳрист маҳфузбуда, чӣ тавре, ки дар моддаи 4 зикр шудааст, дар шакли агрегирӣ ва ғайриагрегирӣ пешниҳод шаванд то ки бурдани ҷустуҷӯи партовҳо ва ифлоскунандаҳо ва мушобеҳсозии онҳо имконпазир гардад, аз рӯйи:

а) иншоот ва мавқеи ҷуғрофии он;
б) намуди фаъолият;
в) соҳиб, танзимгар ва дар мавридҳои дахлдор ширкатҳо;
г) дар ҳолатҳои дахлдор ифлоскунанда ва партовҳо;
д) ба ҳар як қисми муҳити зист, ки ифлоскунанда партофта мешавад;
е) чй тавре, ки дар банди 5 моддаи 7 ишора шудааст, нуқтаи ниҳоии интиқол ва дар мавридхои дахлдор амалиёт ҷиҳати нобуд сохтан ва аз нав қобили истифода қарор додани партовҳо.

2. Ҳар як Тараф инчунин имконияти ҷустуҷӯ ва мушобеҳсозии маълумотро дар асоси он манбаъҳои омехта, ки ба феҳрист дохил шудаанд, таъмин менамояд.

3. Ҳар як Тараф феҳристи худро бо дарназардошти имконияти дар оянда васеъ гардонидани он ҷиҳати маълумотҳои ҳисоботие, ки на камтар аз даҳ солро дар бар мегирад, ба ҷомеа дастрас бошад, таъсис ва таъмин менамояд.

4. Феҳрист ҳамон хел ташкил карда мешавад, ки то ҳадди имкон дастрасии ҷомеаро ба он тавассути васоити электронии алоқа, ба монанди Интернет осон гардонад. Ташкили феҳрист имконият медиҳад, маълумоти дар он маҳфузбуда дар шароити муқаррарӣ ҳангоми истифода бурдани он тавассути васоити электронии алоқа доимӣ ва фаврӣ бошанд.

5. Ҳар як Тараф бояд дар феҳристи худ истинодҳоро оид ба мавзӯҳои махзани иттилоот оид ба ҳифзи муҳити зист, ки мавҷуданд ва ба ҷомеа дастрасанд, пешбинӣ намояд.

6. Ҳар як Тараф бояд дар феҳристи худ истинодҳои феҳристҳои партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳои дигар Тарафи Протокол ва агар имконият бошад, феҳристҳои партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳои дигар давлатҳоро пешбинӣ намояд.

## Моддаи 6
## Доираи фарогирии феҳрист

1. Ҳар як Тараф мекӯшад, то ин ки феҳристи он маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

а) оид ба партовҳои ифлоскунандаҳо, ки дар хусуси онҳо мутобиқи банди 2 моддаи 7 пешниҳод намудани ҳисобот талаб карда мешавад;

б) оид ба интиқоли онҳо берун аз ҳудуди қитъа, ки дар хусуси онҳо мутобиқи банди 2 моддаи 7 пешниҳод намудани ҳисобот талаб карда мешавад;

в) оид ба партовҳои ифлоскунандаҳо аз манбаъҳои омехта, ки дар хусуси онҳо мутобиқи банди 4 моддаи 7 пешниҳод намудани ҳисобот талаб карда мешавад.

2. Бо гузаронидани баҳодиҳии таҷриба, ки дар ҷараёни таъсис ва такмили феҳристҳои миллии партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо ҷамъ шудаанд ва ҷиҳати татбиқи Протоколи мазкур, инчунин бо дарназардошти равандҳои байналмилалии дахлдор, Маҷлиси машваратии Тарафҳо мутобиқи Протоколи мазкур хулосаи талаботҳоро нисбат ба пешниҳоди ҳисобот бароварда, масоили зерини такмили минбаъдаи онро баррасӣ менамояд:

а) аз нав дида баромадани намудҳои фаъолият, ки дар замимаи I ишора шудаанд;

б) аз нав дида баромадани ифлоскунандаҳо, ки дар замимаи II ишора шудаанд;

в) аз нав дида баромадани сатҳҳои худудӣ, ки дар замимаи I ва II ишора шудаанд;

г) дохил намудани дигар ҷанбаҳои дахлдор, ба монанди маълумот оид ба интиқоли берун аз ҳудуди қитъа, нигоҳдорӣ, муайян намудани талаботҳо нисбат ба пешниҳоди ҳисобот оид ба манбаъҳои омехта ё таҳияи меъёрҳо ҷиҳати дохил намудани ифлоскунандаҳо мутобиқи Протоколи мазкур.

## Моддаи 7
## Талаботҳо оид ба пешниҳоди ҳисобот

1. Ҳар як Тараф:

а) аз соҳиб ё танзимгари ҳар як иншооти алоҳида, ки зери доираи ҳуқуқии он қарор дорад ва як ё якчанд намудҳои фаъолиятро иҷро менамояд, ки дар замимаи I омадааст, нуқтаҳои ҳудудии берун аз ҳад иҷро шудани фаъолиятро, ки дар сутуни 1 замимаи I ишора шудааст, талаб менамояд:

- партофтани ифлоскунандаҳоро, ки дар замимаи II ишора шудааст амалӣ мегардонад, дар миқдори аз нуқтаи ҳудудии истифодашаванда зиёдтар, ки дар сутуни 1 замимаи II зикр ёфтаанд,

- интиқоли ҳама гуна ифлоскунандаҳоро берун аз қитъа иҷро менамояд, ки дар замимаи II ишора шудааст, дар миқдори аз нуқтаи ҳудудии истифодашаванда зиёдтар, ки дар сутуни 2 замимаи II зикр ёфтааст, дар сурати, агар Тараф варианти пешниҳоди ҳисобот оид ба интиқоли ифлоскунандаҳои мушаххасро тибқи банди 5(d) интихоб намояд;

- интиқоли партовҳои хатарнок берун аз қитъа, ки аз ду тонна зиёд дар як солро ташкил медиҳад, ё партовҳои боқимонда, ки аз 2 000 тонна дар як сол зиёд мебошанд, дар сурати, агар Тараф варианти пешниҳоди ҳисобот оид ба интиқоли ифлоскунандаҳои мушаххасро тибқи банди 5(г) интихоб намояд;

- интиқоли ҳама гуна ифлоскунандаҳоро берун аз қитъа иҷро менамояд, ки дар замимаи II ишора шудааст, дар обҳои ифлос, ки барои тозакунӣ пешбинӣ шудаанд, дар миқдори аз нуқтаи ҳудудии истифодашаванда зиёдтар, ки дар сутуни 1b замимаи II зикр ёфтаанд;

ба зиммаи худ ӯҳдадорие, ки ба ин соҳиб ё танзимгар мутобиқи банди 2 омадааст, мегирад; ё

б) аз соҳиб ё танзимгари ҳар як иншооти алоҳида, ки зери доираи ҳуқуқии он қарор дорад ва як ё якчанд намудҳои фаъолиятро иҷро менамояд, ки дар замимаи I омадааст, дар сатҳ ё нуқтаҳои ҳудудии фавқулодда барои шумораи кормандон, ки дар сутуни 2 замимаи I ишора шудааст, ки ҳама гуна ифлоскунандаро истеҳсол, коркард ва истифода мебарад, ки дар замимаи II омадааст, дар миқдори аз нуқтаи ҳудудии истифодашаванда зиёдтар, ки дар сутуни 3 замимаи II зикр ёфтаанд, ба зиммаи худ ӯҳдадорие, ки ба ин соҳиб ё танзимгар мутобиқи банди 2 омадааст, талаб менамояд.

2. Ҳар як Тараф аз соҳиб ё танзимгари иншоот, ки дар банди 1 зикр шудааст, пешниҳоди маълумотро талаб менамояд, ки дар бандҳои 5 ва 6 омадааст, ва мутобиқи талабот нисбат ба он ифлоскунандаҳо ва партовҳо, ки вобаста ба онҳо нуқтаҳои ҳудудӣ зиёд нишон дода шудаанд.

3. Барои расидан ба мақсадҳои Протоколи мазкур Тараф метавонад нисбат ба ифлоскунандаи мушаххас қарор қабул намояд ё нуқтаи ҳудудиро татбиқ намояд, ки ба партовҳо ё нуқтаи ҳудудӣ ҷиҳати истеҳсол, коркард ё истифода тааллуқ дорад, ба шарте, ки ин маълумоти дахлдорро оид ба партовҳо ва интиқолҳо, ки дар феҳристи Тараф мавҷуд аст, пурра мегардонад.

4. Ҳар як Тараф мекӯшад, то ки мақомоти салоҳиятдори он ҷамъ овардани иттилоотро пеш барад ё ин ки як ё якчанд мақомоти давлатӣ ё идораҳои салоҳиятдорро ҷиҳати ҷамъ намудани маълумот оид ба партовҳои ифлоскунандаҳо аз манбаъҳои омехта, ки дар бандҳои 7 ва 8 омадаанд, таъин намоянд ва ба феҳристи худ дохил намоянд.

5. Ҳар як Тараф аз соҳиб ё танзимгари иншоот, ки аз рӯйи онҳо мутобиқи банди 2 пешниҳоди ҳисобот талаб карда мешавад, ба мақомоти дахлдор омода намудан ва фиристодани маълумоти зеринро аз рӯйи иншооти мушаххас талаб менамояд:

а) ном, суроға, мавқеи ҷуғрофӣ ва намуд ё намудҳои фаъолияти иншоот, ки ҳисобот пешниҳод менамояд, инчунин ному насаби соҳиб ё танзимгар, ва дар ҳолатҳои дахлдор номи ширкат;

б) ном ва рақами мушаххаси ҳар як ифлоскунанда, ки оид ба онҳо тибқи банди 2 ҳисобот пешниҳод карда мешавад;

в) миқдори ҳар як ифлоскунанда, ки аз иншоот ба муҳити зист дар соли ҳисоботӣ партофта шудааст ва оид ба онҳо тибқи банди 2 ҳисобот пешниҳод карда мешавад, ҳам дар маҷмӯъ ва ҳам аз рӯйи тақсимоти партовҳо ба ҳаво, об ё замин, аз ҷумла фишор дода даровардани он ба кабати хок;

г) ё

д) миқдори ҳар як ифлоскунанда, ки оид ба онҳо тибқи банди 2 ҳисобот пешниҳод карда мешавад ва дар соли ҳисоботӣ берун аз қитъа гузаронида шудаанд, бо ҳудудгузории байни шумораҳо, ки бо мақсади нобудсозӣ ва аз нав мавриди истифода қарор додан, инчунин ном ва суроғаи иншоот, ки ба он партовҳо интиқол карда мешаванд; ё

е) миқдори ҳар як ифлоскунанда, ки оид ба онҳо тибқи банди 2 ҳисобот пешниҳод карда мешавад ва дар соли ҳисоботӣ берун аз қитъа гузаронида шудаанд, бо ҳудудгузории байни партовҳои хатарнок ва партовҳои боқимонда барои ҳама гуна амалиёт аз рӯйи аз нав мавриди истифода қарор додан ё нобуд сохтан бо ишораи аломати **«Р»** ё **«У»,** агар партовҳо барои аз нав мавриди истифода қарор доштан ё нобудсозӣ мутобиқи замимаи III пешбинӣ шуда бошанд, инчунин ҳангоми ҷойивазкунии байнисарҳадии партовҳои хатарнок, ном ва суроғаи муассиса, ки партовҳоро нобуд месозад ё аз нав мавриди истифода қарор медиҳад, ва қитъаи аслии

нобудсозӣ ё аз нав мавриди истифода қарор додан, ки ин партовҳо интиқол дода мешаванд;

ж) миқдори ҳар як ифлоскунанда дар обҳои ифлос, ки дар соли ҳисоботӣ берун аз қитъа бароварда шудааст оид ба онҳо тибқи банди 2 ҳисобот пешниҳод карда мешавад;

з) навъи методологӣ, ки барои гирифтани маълумот истифода мешавад, дар зербандҳои (с)- (е) зикр ёфта, мутобиқи банди 2 моддаи 9 бо ишораи он ки оё маълумот аз рӯйи андоза, ҳисобиҳо ё баҳодиҳӣ асос гирифтааст;

6. Маълумоте, ки дар зербандҳои (с)- (е) банди 5 зикр ёфтааст, маълумот дар хусуси партовҳои умумӣ ва интиқолҳоро дар натиҷаи фаъолияти нақшавӣ ё вазъияти ғайриштатӣ дар бар мегирад;

7. Ҳар як Тараф дар феҳристи худ дар намуди тақсимот маълумотро оид ба партовҳои ифлоскунанда аз манбаъҳои омехта инъикос менамояд, ки нисбати онҳо Тарафи мазкур муқаррар мекунад, ки маълумот аз ҷониби мақомоти дахлдор ҷамъ карда мешавад ва имконоти амалии дохил намудани онҳо вуҷуд дорад. Дар ҳолатҳои, агар Тараф муайян кунад, ки ин гуна маълумот вуҷуд надорад, ҷиҳати инисиатсияи пешниҳоди ҳисобот оид ба партовҳои ифлоскунандаҳои дахлдор аз як ё зиёда манбаъҳои омехта мутобиқи афзалиятҳои миллии худ чораҳои зарурӣ меандешад.

8. Маълумоте, ки дар банди 7 зикр шудааст, маълумот дар бораи истифода шудани навъи методологӣ барои гирифтани маълумот дар назар дошта шудааст.

## Моддаи 8
## Даврияти ҳисоботдиҳӣ

1. Ҳар як Тараф мекӯшад, то ин ки маълумоти ба феҳристи ӯ дохилшаванда ба ҷомеа дастрас бошад ва он дар феҳрист аз рӯйи солҳои тақвимӣ ҷудо карда шуда бошад. Соли ҳисоботӣ - ин соли тақвимӣ маҳсуб меёбад, ки ин маълумот ба он таалluқ дорад. Барои ҳар як Тараф соли нахустини ҳисоботӣ - ин соли тақвимии пас аз қувваи қонунӣ пайдо кардани Протокол барои он Тараф мебошад. Ҳисобот мутобиқи моддаи 7 ҳарсола пешниҳод мегардад. Аммо соли ҳисоботии дуюм метавон соли дуюми тақвимӣ пас аз соли нахустини ҳисоботӣ бошад.
2. Ҳар як Тараф, ки ташкилоти минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ нест, ба феҳристи худ маълумотро дар муддати понздаҳ моҳ пас аз анҷом ёфтани ҳар соли ҳисоботӣ дохил мекунад. Вале, маълумот барои соли нахустини ҳисоботӣ ба феҳристи ӯ дар муддати ду сол пас аз анҷом ёфтани ҳар соли ҳисоботӣ дохил карда мешавад.
3. Ҳар як Тараф, ки ташкилоти минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ мебошад, мекӯшад ба феҳристи худ маълумотро барои соли мушаххаси ҳисоботӣ пас аз шаш моҳи анҷоми мӯҳлат дохил намояд, назар ба Тарафҳое, ки ташкилоти минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ нестанд.

## Моддаи 9
## Ҷамъ овардани маълумот ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо

1. Ҳар як Тараф аз соҳиб ва танзимгарони иншоот талаб менамояд, ки мутобиқи моддаи 7 оид ба пешниҳоди ҳисобот, ҷамъ овардани маълумотро, ки барои муайян намудан зарур аст, мутобиқи банди 2 поёнтар ва бо даврияти зарурӣ, ки дар иншооти партовҳо ва интиқоли он берун аз қитъа ҷой дошт ва аз рӯйи он

мутобиқи моддаи 7 ҳисобот пешниҳод мегардад ва дар муддати панҷ сол, аз охири соли ҳисоботии дахлдор сар карда, ҳуҷҷатҳоро оид ба маълумоти барои мақомоти салоҳиятдор дастрасро махфуз нигоҳ доштан, ки бо кӯмаки онҳо ин маълумоти ҳисоботӣ гирифта шуд. Ин ҳуҷҷатҳо инчунин тавсифи истифода шудани усули ҷамъ овардани маълумотро дар бар мегирад.

2. Ҳар як Тараф аз соҳиб ва танзимгарони иншоот талаб менамояд, ки мутобиқи моддаи 7 оид ба пешниҳоди ҳисобот, маълумоти мавҷудаи дақиқро истифода баранд, ки мониторинг, коэффисиенти аз нав ҳисоб кардани партовҳо, баробар кардани тавозуни вазн, маълумоти мониторинги бавосита ё дигар ҳисобиҳо, баҳодиҳии техникӣ ва дигар усулҳоро дар бар мегиранд.

## Моддаи 10
## Баҳодиҳии сифатнокӣ

1. Ҳар як Тараф аз соҳиб ва танзимгарони иншоот талаб менамояд, ки мутобиқи банди 1 моддаи 7 оид ба пешниҳоди ҳисобот, сифатнокии маълумоти пешниҳодшавандаро таъмин намоянд.
2. Ҳар як Тараф мекӯшад, то ин ки мақоми салоҳиятдор баҳодиҳии сифатнокии маълумотро, ки дар феҳристи онҳо маҳфуз аст, гузаронад, алалхусус, мукаммалии он, мутобиқат ва эътимоднокӣ, бо дарназардошти ҳамаи принсипҳои роҳбарикунанда, ки аз ҷониби Маҷлиси машваратии Тарафҳо таҳия мегардад.

## Моддаи 11
## Дастрасии ҷомеа ба маълумот

1. Ҳар як Тараф дастрасии ҷомеаро ба маълумоте, ки дар феҳристи партовҳо ва интиқоли ифлоскунандахо маҳфуз аст, таъмин мекунад, бе зарурат манфиати худро тасвият менамояд ва мутобиқи муқаррароти Протоколи мазкур дастрасии мустақимро тавассути шабакаҳои электронии алоқа ба феҳристи худ таъмин ва пешбинӣ менамояд.
2. Дар он ҳолатҳое, ки ҷомеа дастрасии бемамониат ба маълумотро надорад ва ин маълумот дар феҳристи Тарафи дахлдор нигоҳ дошта мешавад, ҳар як Тараф мекӯшад мақоми салоҳиятдори он тавассути васоити мустақими электронӣ аз рӯйи дархост чунин маълумотро тавассути дигар воситаҳои самаранок ҳар чӣ зудтар, вале на дертар аз як моҳ пас аз гирифтани дархости дахлдор маълумотро пешниҳод намояд.
3. Дар сурати риояи муқаррароти банди 4 ҳар як Тараф мекӯшад, ки дастрасӣ ба маълумоте, ки дар феҳристи он нигоҳ дошта мешавад, ба таври ройгон пешниҳод гардад.
4. Ҳар як Тараф метавонад ба мақоми салоҳиятдори худ иҷозат диҳад, ки барои аз нав ҳосил кардан ва фиристодани маълумоти мушаххас тавассути почта маблағ ситонад, ки дар банди 2 зикр ёфтааст, вале ин маблағ набояд зиёд бошад.
5. Дар сурати, агар ҷомеа дастрасии бемамониат ба маълумотро надорад ва ин маълумот дар феҳристи Тарафи дахлдор нигох дошта мешавад, ҳар як Тараф мекӯшад дастрасии электрониро ба феҳристи худ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ осон

намояд, масалан, дар китобхонаҳои оммавӣ, идораҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ҷойҳои мувофиқ.

## Моддаи 12
## Махфият

1. Ҳар як Тараф метавонад ба мақоми салоҳиятдори худ иҷозат диҳад, ки маълумотеро, ки дар феҳрист мебошад, махфӣ нигоҳ дорад, агар оммавӣ ошкор намудани чунин маълумот оқибатҳои номатлуб орад, ба:

а) муносибатҳои байналмиллалӣ, мудофиаи миллӣ ё амнияти миллӣ;

б) иҷрои адолат, имконияти ҳар шахс ҷиҳати доштани дастрасӣ ба тафтишоти судии одилона ё имконияти мақомоти давлатӣ барои бурдани тафтишоти ҷиноятӣ ё хусусияти интизомӣ дошта;

в) махфӣ нигоҳ доштани маълумоти тиҷорати саноатӣ, дар сурате, агар чунин махфӣ нигоҳ доштан аз тарафи қонун бо мақсади ҳимояи манфиатҳои қонунии иқтисодӣ ҳифз карда мешаванд;

г) ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ; ё

д) махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои шахсӣ/ ё ҷамъи ҳуҷҷатҳо оид ба шахси воқеӣ, агар ин шахс ҷиҳати ошкор гаштани чунин маълумотро дар назди ҷомеа надода бошад, дар мавриди, агар чунин махфӣ доштан дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шуда бошад.

Асосҳои дар боло зикргашта ҷиҳати нигоҳ доштани махфият ба таври маҳдуд тафсир дода мешаванд, бо дарназардошти он, ки оё ошкор шудани маълумот ба манфиати ҷомеа ҷавобгӯ мебошад, инчунин бо дарназардошти он, ки оё маълумоти дархостшаванда ба маълумот оид ба партовҳо ба муҳити зист муносибат дорад ё не.

2. Дар чаҳорчӯбаи зербанди 1(с) ҳама гуна маълумот оид ба партовҳо, ки ба ҳифзи муҳити зист алоқаманд аст, ҷиҳати ошкор намудани он мутобиқи қонунгузории миллӣ бояд баррасад.

3. Дар сурате, агар мақоми махфиятии маълумот нигоҳ дошта шавад, мутобиқи банди 1, дар феҳрист намуди маълумоти гирифташуда ишора мегардад, масалан, аз рӯйи имконият, маълумоти умумӣ оид ба хусусиятҳои кимиёвӣ ва сабабҳои мусодираи он пешниҳод мегарданд.

## Моддаи 13
## Иштироки ҷомеа дар ташкил ва такмили феҳристҳои миллии партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо

1. Ҳар як Тараф имконоти дахлдорро ҷиҳати иштироки ҷомеа дар ташкил ва такмили феҳристҳои миллии партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо дар чаҳорчӯбаи қонунгузории миллии худ таъмин менамояд.

2. Барои мақсадҳои банди 1 ҳар як Тараф ба ҷомеа имконияти дастрасии ройгон ба маълумоти вобаста ба ташкил ва такмили феҳристҳои миллии партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳоро пешниҳод менамояд, инчунин ҷиҳати пешниҳоди ҳама гуна қайдҳо, маълумот, маводи таҳлилӣ ё ақоид, ки ба раванди қабули қарор алоқаманд аст, фароҳам меорад ва мақоми дахлдор ба таври зарурӣ ин саҳми ҷомеаро ба назар мегирад.

3. Ҳар як Тараф ҳангоми қабули қарор оид ба ташкил ё тағйирдиҳии назарраси феҳристи он, мекӯшад то ин ки ба ҷамъият оид ба ин қарор саривақт пешниҳод ва асосҳои ин амал хабар дода шавад.

**Моддаи 14 Дастрасӣ ба адолат ба адолати судӣ**

1. Ҳар як Тараф дар чаҳорчӯбаи қонунгузории миллии худ мекӯшад, барои ҳар шахсе, ки меҳисобад дархости ӯ оид ба дастрас будан ба маълумот мутобиқи банди 2 моддаи 11 ба эътибор гирифта нашуд ё ғайриқонунӣ рад карда шуд, қисман ва ё пурра, ва барои ин амал ҷавоби дақиқ нагирифтааст ё он ба таври зарурӣ мутобиқи муқаррароти банди мазкур баррасӣ нагаштааст, Тарафҳо дастрасиро ба расмиёти аз нав дида баромадан дар суд ё дар дигар мақом ё идораи мустақил мутобиқи қонун таъмин менамоянд.

2. Талаботҳо, тибқи банди 1 пешбинишуда, бе расонидани зарар ба **хуқуқу** ӯҳдадориҳои Тарафҳо аз рӯйи шартномаи амалкунандаи байни онҳо, ки ба моддаи мазкур алоқаманд аст, татбиқ мегарданд.

**Моддаи 15 Афзоиши иқтидор**

1. Ҳар як Тараф ба маълумотдиҳии ҷомеа оид ба феҳристи партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳо мусоидат мекунад ва пешниҳоди кӯмак ба ҷомеа ва тавсияҳо дар соҳаи дастрасӣ ба феҳристи худ ва фаҳмишу истифодабарии маълумоти дар он маҳфузро таъмин менамояд.

2. Ҳар як тараф бояд афзоиши иқтидори зарурии мақомоту идораҳои масъулро таъмин намояд ва тавсияҳои аз тарафи онҳо пешниҳодшавандаро бо мақсади расонидани кӯмак ҷихати иҷрои ӯҳдадориҳо мутобиқи Протоколи мазкур ба назар гиранд.

**Моддаи 16 Ҳамкории байналмилалӣ**

1. Тарафҳо ба таври зарурӣ ҳамкорӣ менамоянд ва ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд:

а) дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷихати дастгирии мақсадҳои Протоколи мазкур;

б) дар асоси шартномаи мутақобила байни Тарафҳои дахлдор ҳангоми ҷорӣ намудани системаҳои миллӣ ҷиҳати иҷрои Протоколи мазкур;

в) ҳангоми истифодаи муштараки маълумот, мутобиқи Протоколи мазкур нисбат ба партовҳо ва интиқолҳо дар ноҳияҳои сарҳадӣ; ва

г) ҳангоми истифодаи муштараки маълумот, мутобиқи Протоколи мазкур оид ба интиқолҳои байни Тарафҳо.

2. Тарафҳо ҳамкориҳои байни худро ҳавасманд мегардонанд ва дар мавриди зарурӣ, бо ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади мусоидат ба:

а) маълумотдиҳии ҷомеа дар сатҳи байналмилалӣ;

б) таҳвили технологияҳо;

в) расонидани кӯмаки техникӣ ба Тарафҳое, ки давлатҳои пешрафта маҳсуб меёбанд ва ба Тарафҳое, ки чун давлатҳо бо иқтисодиёти гузариш мебошанд дар масоили вобаста ба Протоколи мазкур.

## Моддаи 17
## Маҷлиси машваратии Тарафҳо

1. Ҳамзамон Маҷлиси машваратии Тарафҳо таъсис дода мешавад. Иҷлосияи нахустини он на дертар аз ду сол пас аз қувваи қонунӣ пайдо намудани Протоколи мазкур даъват карда мешавад. Дар натиҷа иҷлосияҳои навбатии Маҷлиси машваратии Тарафҳо мунтазам ё дар баробари машваратҳои навбатии Тарафҳои Конвенсия баргузор мегарданд, агар Тарафҳои Протоколи мазкур қарори дигар қабул накунанд. Маҷлиси машваратии Тарафҳо иҷлосияи ғайринавбатиро мегузаронанд, агар он дар ҷараёни иҷлосияи навбатӣ ё аз рӯйи дархости хаттии ягон Тараф қарори дахллор қабул намояд, ба шарте, ки дар муддати шаш моҳ пас аз ирсоли ин дархост аз ҷониби Котиби иҷроияи Комиссияи аврупоии иқтисодиёт ба ҳамаи Тарафҳо, дархости мазкур хадди ақал аз ҷониби сеяки Тарафҳо дастгирӣ карда шавад.

2. Маҷлиси машваратии Тарафҳо ба таври доимӣ ҷараёни иҷро ва такмилёбии Протоколи мазкурро дар асоси ҳисоботдиҳии мунтазами Тарафҳоро назорат мебарад ва бо дарназардошти ин мақсад:

а) ташкил ва такмили феҳристҳои партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳоро шарҳу тафсир медиҳад ва ҷихати мустаҳкаму наздик шудани онҳо мусоидат менамояд;

б) принсипҳои роҳбарикунандае, ки пешниҳод намудани ҳисоботро осон мегардонад муайян месозад, бо дарназардошти зарурати раҳоӣ ёфтан аз такрори фаьолияту кӯшиш дар ин самт;

в) барномаи кориро муайян менамояд;

г) баррасӣ менамояд, ва ҳангоми зарурат оид ба устувор намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ мутобиқи моддаи 16 тадбирҳои зарурӣ меандешад:

д) мақомоти ёрирасон, ки зарур мешуморад, таъсис медиҳад:

е) таклифҳоеро, ки ҷихати даровардани ислоҳот ба Протоколи мазкур ва замимаҳои он барои иҷро намудани мақсадҳои Протоколи мазкур, мутобиқи муқаррароти моддаи 20 зарур медонад, баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

е) дар иҷлосия нахустини худ дар асоси консенсус қоидаҳои расмиётро барои иҷлосияҳои худ ва иҷлосияҳои мақомоти ёрирасон бо дарназардошти ҳамаи қоидаҳои расмиёт, ки аз ҷониби Маҷлиси машваратии Тарафҳои Конвенсия қабул шудааст, баррасӣ ва қабул менамояд;

ж) имконияти таъсиси расмиёти молиявиро дар асоси консенсус ва механизмҳои кӯмаки техникӣ бо мақсади мусоидат ҷихати татбиқи Протоколи мазкур баррасӣ менамояд;

з) ҳангоми зарурат, аз хизматрасониҳои дигар мақомоти байналмилалии дахлдор бо тартиби пешниҳоди хизматрасонӣ ҷихати расидан ба мақсадҳои Протоколи мазкур истифода мебарад;

и) ҳама гуна чораҳои иловагиро, ки ҷихати расидан ба мақсадҳои Протоколи мазкур талаб карда мешаванд, баррасӣ ва қабул менамояд, алалхусус, ба монанди қабул намудани принсипҳои роҳбарикунанда ва тавсияҳо, ки ба татбиқи он мусоидат менамояд.

3. Маҷлиси машваратии Тарафҳо ба мубодилаи маълумот ва таҷрибае, ки дар ҷараёни пешниҳоди ҳисобот оид ба интиқол бо истифода бурдани нуқтаи назарҳо, ки доир ба ифлоскунандаҳо ва партовҳои мушаххас нигаронида шудаанд, мусоидат мекунад ва чунин таҷрибаро бо мақсади омӯзиши имконоти наздик кардани ин ду

нуқтаи назар бо дарназардошти таваҷҷӯҳи ҷомеа ба маълумот мутобиқи моддаи 1 ва самарабахшии умумии феҳристҳои миллии партовҳо ва интиқоли ифлоскунандаҳоро баррасӣ менамояд.

4. Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои махсуссгардонидашудаи он ва Агентии байналмилалӣ оид ба нерӯи атомӣ, инчунин ҳар як давлат ё ташкилоти минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки мутобиқи моддаи 24 ҳуқуқи имзо намудани Протоколи мазкурро доранд, вале Тарафи он нестанд, ва ҳамаи ташкилотҳои байниҳукуматӣ, ки дорои салоҳият дар соҳаҳое ки бо ин Протокол вобаста аст, ҳуқуқ доранд дар иҷлосияҳои Маҷлиси машваратии Тарафҳо ба сифати нозир иштирок намоянд. Масъалаи иҷозатдиҳӣ ва иштироки онҳо аз ҷониби Маҷлиси машваратии Тарафҳо бо қоидаҳои расмиёте, ки қабул кардааст, ба танзим дароварда мешавад.

5. Ҳамаи ташкилотҳои ғайриҳкуматӣ, ки дорои салоҳият дар соҳаҳое, ки Протоколи мазкур вобаста аст ва агар Котиби иҷроияи Комиссияи аврупоии иқтисодиро оид ба хоҳиши иштирок намудан дар иҷлосияи Маҷлиси машваратии Тарафҳо огоҳ карда бошад ба истиснои ҳолатҳое, ки ба муқобили ин сеяки Тарафҳои дар иҷлосия иштироккунанда баромад намоянд, метавонад ба сифати нозир иштирок намояд. Масъалаи иҷозатдиҳӣ ва иштироки онҳо аз ҷониби Маҷлиси машваратии Тарафҳо бо қоидаҳои расмиёте, ки қабул кардааст, ба танзим дароварда мешавад.

**Моддаи 18**
**Ҳуқуқи овоз**

1. Ба истисноӣ ҳолатҳое, ки дар банди 2 пешбинӣ шудааст, ҳар як Тарафи Протоколи мазкур дорои як овоз мебошад.

2. Ташкилотҳои минтақавии якҷояшавии иктисодӣ ҳуқуқи овози худро оид ба масоиле, ки ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, истифода мебаранд, ки дар ихтиёри худ миқдори овозҳое, ки ба шумораи давлатҳо - аъзо баробаранд, доранд. Ин гунна ташкилотҳо ҳуқуқи овози худро истифода намебаранд, агар давлат - аъзои онҳо ҳуқуқи овози худро истифода бурда бошад ва баръакс.

**Моддаи 19**
**Замимаҳо**

Замимаҳо ба Протоколи мазкур қисми ҷудоинопазири он маҳсуб меёбад ва, агар чизи дигар ишора нашавад, истинод ба Протоколи мазкур дар баробари ин истинод ба ягон замимаи он мебошад.

**Моддаи 20**
Тасҳеҳ

1. Ҳар як тараф метавонад ба Протоколи мазкур даровардани ислоҳро пешниҳод намояд.
2. Таклиф ҷиҳати даровардани ислоҳ ба Протоколи мазкур дар иҷлосияи Маҷлиси машваратии Тарафҳо баррасӣ мегардад.
3. Ҳама гуна тасҳеҳи пешниходшаванда ба Протоколи мазкур дар шакли хаттӣ ба котибот пешниход мешавад, ки онро на камтар аз шаш моҳ то оғози иҷлосия барои қабул ба ҳамаи Тарафҳо, дигар давлатҳо ва ташкилотҳои минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки ба муқаррароти Протокол алоқамананд ва барои

онҳое, ки он ҳоло қувваи қонунӣ пайдо накардааст, инчунин ба Тарафхои онро имзокарда ирсол менамояд.

4. Тарафҳо ҷиҳати расидан ба ризоият оид ба ворид намудани ислоҳи пешниҳодшаванда ба Протоколи мазкур дар асоси консенсус кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар сурати, агар тамоми кӯшишҳо ҷиҳати расидан ба консенсус истифода шуда бошанду ризоият ба даст наомада бошад, пас дар ин ҳолат ворид намудани ислоҳ тавассути аз чор се ҳиссаи аксарияти овозҳои Тарафҳои дар иҷлосия ҳузурдошта ва дар овоздиҳӣ иштирок иштироккунанда қабул мешавад.
5. Барои мақсадҳои моддаи мазкур «Тарафҳои дар иҷлосия ҳузурдошта ва дар овоздиҳӣ иштироккунанда» ба маънои дар иҷлосия иштироккунанда ва тарафдор ё муқобил овоздиҳанда омадааст.
6. Ҳамаи ислоҳҳои воридшуда ба Протоколи мазкур, ки мутобиқи банди 4 қабул гардидаанд, аз ҷониби котибот ба Амонатгоҳ фиристода мешаванд, ки онҳоро ба ҳамаи Тарафҳо, дигар давлатҳо ва ташкилотҳои минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки бо муқарраротиПротокол алоқаманданд ва барои онҳое, ки он ҳоло қувваи қонунӣ пайдо накардааст, инчунин ба Тарафҳои онро имзокарда ирсол менамояд.
7. Тасҳеҳ, агар он ба замима тааллуқ надошта бошад, барои он Тарафҳое, ки онро ба тасвиб расониданд, қабул ё тасдиқ намуданд дар рӯзи навадуми пас аз ҷониби Амонатгоҳ гирифтани ҳуҷҷатҳо оид ба тасвиб расонидан, қабул ё тасдиқ намудани на камтар аз чор се ҳиссаи Тарафҳо, ки ҳангоми қабули он ҳамчун Тарафҳо маҳсуб меёбанд, қувваи қонунӣ пайдо мекунад. Дар натиҷа он барои ҳамаи дигар Тарафҳо дар рӯзи навадуми пас аз супоридани ҳуҷҷатҳо оид ба тасвиб расонидан, қабул ё тасдиқи ин ислоҳҳо ҷиҳати нигоҳдорӣ, қувваи қонунӣ пайдо мекунад.
8. Дар сурати ворид намудани ислоҳ ба замима, Тарафе, ки ин ислоҳро қабул намекунад, дар шакли хатти Амонатгоҳро дар муддати 12 моҳ аз рӯзи паҳн намудани он аз ҷониби Амонатгоҳ огоҳ месозад. Амонатгоҳ фавран ҳамаи Тарафҳоро оид ба гирифтани чунин огоҳинома хабардор мекунад. Тараф метавонад дар ҳар вақти дилхоҳ огоҳиномаи худро бозхонад, пас аз ин ворид намудани ислоҳ ба замима барои Тараф қувваи қонунӣ пайдо мекунад.
9. Пас аз гузаштани 12 моҳ аз рӯзи паҳн намудани он аз ҷониби Амонатгоҳ, чуноне, ки дар банди 6 пешбинӣ шудааст, ворид намудани ислоҳ ба замима барои он Тарафҳо қувваи қонунӣ пайдо мекунад, ки ба Амонатгоҳ мутобиқи банди 6, огоҳинома ирсол накарданд, ба шарте ки дар ин муддат чунин огоҳиномаро на бештар аз сеяки Тарафҳо, ки ҳангоми қабули ислоҳҳо ҳамчун Тараф маҳсуб ёбанд, пешниҳод карда бошанд.
10. Агар ворид намудани ислоҳҳо ба замима бевосита бо ворид намудани ислоҳҳо ба Протоколи мазкур алоқаманд бошад, пас он то қувваи қонунӣ пайдо намудани ислоҳҳо ба Протоколи мазкур, қувваи қонунӣ пайдо намекунанд.

**Моддаи 21**
**Котибот**

Котиби иҷроияи Комиссияи аврупоии иқтисодиёт вазифаҳои зерини котиботиро аз рӯйи Протоколи мазкур иро менамояд:

а) иҷлосияҳои Маҷлиси машваратии Тарафҳоро омода ва хизматрасонӣ менамояд;

б) ба Тарафҳо маърузаву дигар маълумотро, ки мутобиқи муқаррароти Протоколи мазкур гирифта шудааст, мефиристад;

в) оид ба кору фаъолияти Котибот дар назди Маҷлиси машваратии Тарафҳо ҳисобот медиҳад;

г) дигар вазифаҳоро, ки Маҷлиси машваратии Тарафҳо дар асоси захираҳои мавҷуда муайян мекунад, иҷро мекунад.

**Моддаи 22 Баррасии риоя шудан**

Дар иҷлосияи нахустини худ Маҷлиси машваратии Тарафҳо дар асоси консенсус расмиёти хамкорӣ ва механизми институтсионалии хусусияти гайрисудӣ, гайризурозмоӣ ва машваратӣ доштаро ҷихати баҳодихӣ ва ҳавасмандгардонии риояи муқаррароти Протоколи мазкур ва барои баррасии ҳолатҳои риоя нашудани онро муайян менамояд. Ҳангоми муайян намудани ин расмиёт ва механизмҳо Маҷлиси машваратии Тарафҳо, махсусан, масъалаи мақсаднок будани гирифтани маълумот аз намояндагони ҷомеа оид ба масоиле, ки ба Протоколи мазкур вобаста аст, баррасӣ менамояд.

**Моддаи 23 Танзими баҳсҳо**

11. Ҳангоми пайдо шудани баҳс байни ду ё зиёда Тарафҳо дар хусуси тафсир ё татбиқи Протоколи мазкур, онҳо мекушанд то ин ки тавассути гуфтушунид ё дигар роҳҳои осоишта баҳсҳои Тарафҳои баҳскунандаро ба танзим даророванд.
12. Ҳангоми имзо намудан, ба тасвиб расонидан, қабул ва тасдиқи Протоколи мазкур ё ҳамроҳ шудан ба он ё ҳар вақти дилхоҳ пас аз ин, давлат метавонад ба Амонатгоҳ аризаи хаттиро оид ба баҳс. ки мутобиқи банди 1 ҳал нагардид пешниҳод намояд ва он давлат як ё ҳар дуӣ воситаҳои зеринро ҷиҳати ба танзим даровардани баҳс ба сифати ӯҳдадории ҳатмии Тараф истифода бурда метавонад:

а) ҷихати ҳалли баҳс супурдани он ба суди байналмилалӣ;

б) арбитраж мутобиқи расмиёте, ки дар замимаи IV баён шудааст.

Ташкилоти минтақавии якҷояшавии иктисодӣ метавонад аризаи ба ин монандро нисбат ба арбитраж мутобиқи расмиёт, ки дар зербанди (Ь) зикр шудааст, пешниҳод намояд.

3 Агар тарафҳои баҳскунанда ҳар ду воситаи танзими баҳсро қабул намоянд, ки дар банди 2 зикр шудааст, пас баҳс танҳо ба Суди Байналмилалӣ супурда мешавад, агар тарафҳои баҳс кунанда оиди ин баҳс ба ягон қарор наомада бошанд.

**Моддаи 24**

**Ба имзо расонидан**

Протоколис мазкур барои ба имзо расонидан дар шаҳри Киев (Украина) аз 21 то 23 майи соли 2003 ба муносибати гузаронидани Конференсияи панҷуми вазирон «Муҳити зист барои Аврупо», сипас дар Идораҳои маркази Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк то 31 декабри соли 2003 аз ҷониби ҳамаи давлатҳо, ки аъзои Созмони Милали Муттаҳид мебошанд ва ташкилотхои минтакавии якчояшавии иктисодӣ, ки аз ҷониби давлат - аъзоҳои мустақили Созмони Милали Муттаҳид, ки ба онҳо давлат- аъзои онҳо салоҳиятро оид ба масоиле, ки Протоколи мазкурро ба танзим

медарорад, додаанд, аз ҷумла ҳуқуқи бастани шартномаҳо, ки ба Ƅу vмасъалао вобастаанд, кушода аст.

**Моддаи 25**
**Амонатгоҳ**

Ба сифати Амонатгоҳи Протоколи мазкур Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид баромад мекунад.

**Моддаи 26**
**Ба тасвиб расонидан, қабул, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ**

1. Протоколи мазкур бояд аз ҷониби давлатҳо ва ташкилотҳои минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки имзо гузоштаанд, мутобиқи моддаи 24 зикр ёфтааст, ба тавсиб расонида шуда, қабул ё тасдиқ гардад.

2. Протоколи мазкур бояд аз ҷониби давлатҳо ва ташкилотҳои минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки мутобиқи моддаи 24 зикр ёфтааст, аз 1 январи соли 2004 ҷиҳати ҳамроҳшавӣ кушода аст.

3. Ҳамаи ташкилотҳои минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки дар моддаи 24 зикр шудааст, Тарафи Протоколи мазкур маҳсуб меёбанд, ҳол он ки ягон давлат – аъзои он Тараф нест, вале мутобиқи Протоколи мазкур бо ӯҳдадориҳо вобаста карда шудаанд. Дар сурати, агар як ё якчанд давлат – аъзои чунин ташкилот Тараф ҳисоб шавад, ташкилоти мазкур ва давлат – аъзои он қарорро оид ба масъулияти дахлдори худ ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз рӯи Протоколи мазкур қабул мекунад. Дар ин ҳолатҳо ташкилоти мазкур ва давлат – аъзоҳо наметавонанд дар як вақт аз ҳуқуққое, ки дар Протоколи мазкур пешбинӣ шудааст, истифода баранд.

4. Дар ҳуҷҷатҳои худ оид ба тасвиб расонидан, қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ ташкилотҳои минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки дар моддаи 24 зикр шудааст, оид ба доираи салоҳияти худ вобаста ба масоиле, ки Протоколи мазкур ба танзим медарорад, баён мекунанд.

**Моддаи 27**
**Қувваи конунӣ пайдо намудан**

1. Протоколи мазкур дар рӯзи навадум аз санаи супурдани он ҷиҳати нигоҳдории ҳуҷҷати шонздаҳум оид ба тасвиб расонидан, қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

2. Барои максадҳои банди 1 ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки барои нигоҳдорӣ аз ҷониби ягон ташкилоти минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ супурда шуда бошад, ҳамчун ҳуҷҷати иловагӣ, ки барои нигоҳдорӣ аз ҷониби давлат - аъзои чунин ташкилот пештар супурда шуда буд, баррасӣ карда намешавад.

3. Барои ҳар як давлат ё ҳар як ташкилоти минтақавии якҷояшавии иқтисодӣ, ки Протоколи мазкурро ба тасвиб мерасонанд, қабул ё тасдиқ менамоянд ё ба он ҳамроҳ мешаванд, пас аз супурдани он барои нигоҳдории

ҳуҷҷати шонздаҳум оид ба тасвиб расонидан, қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ, Протокол дар рӯзи навадуми аз санаи супурдани он ҷиҳати нигоҳдорӣ аз ҷониби он давлат ё он ташкилот оид ба тасвиб расонидан, қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

## Моддаи 28
## Тавзеҳ

Ба Протоколи мазкур ягон тавзеҳ роҳ дода намешавад.

## Моддаи 29
## Баромадан

Дар ҳар вақти дилхоҳ пас аз гузаштани се сол аз қувваи қонунӣ пайдо намудани Протоколи мазкур нисбат ба ягон Тараф, ин Тараф метавонад аз Протокол тавассути ирсол намудани огоҳиномаи хаттӣ ба Амонатгоҳ аз он барояд. Ҳама гуна чунин баромадан дар рӯзи навадум аз санае, ки Амонатгоҳ огоҳиномаро мегирад, қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

## Моддаи 30
## Эътиборнокии матнҳо

Нусхаи аслии Протоколи мазкур матнҳои ба забони англисӣ, русӣ ва фаронсавӣ мебошанд, ки эътибори якхела доранд ва барои нигоҳдорӣ ба Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид супурда мешаванд.

БИНОБАР ТАСДИКИ ИН, дар поён имзогузоштагон ба таври зарурӣ ваколатдор шудананд, ки Протоколи мазкурро ба имзо расонанд.

ИҶРО ШУДААСТ дар шаҳри Киев бисту якуми майи соли ду ҳазору сеюм.

## ЗАМИМАИ I
## НАМУДИ ФАЪОЛИЯТ

| №. | Намуди фаъолият | Андозаи ниҳоии иктидор (сутуни 1) | Шумораи ниҳоии кормандон (сутуни 2) |
|---|---|---|---|
| 1 | **Энергетика** | | |
| a) | Заводхои коркарди нефт ва коркарди газ | * | |
| b) | Дастгоҳҳои газпардозӣ ва моеъгардонии газ | * | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| c) | Нерӯгоҳҳои барқии гармидиҳӣ ва дигар дастгоҳҳо барои сӯзонидан | Бо тавоноии интиқоли гармӣ дар хаҷми 50 мегаватт (МВг) | 10 корманд |
| d) | Танурҳои коксӣ | * | |
| e) | Осиёбҳои истеҳсоли хокаи ангишт | Бо иктидори 1 тона дар 1 соат | |
| f) | Таҷҳизот барои истеҳсоли маҳсулоти химиявӣ аз ангишт ва сӯзишвории сахт, ки вақти сӯхтан дуд намекунад | * | |
| 2. | **Истеҳсол ва коркарди металлҳо** | | |
| a) | Дастгоҳҳо барои пазиш ё аглемератсияи маъданхо (аз ҷумла маъдани сулфид) | * | |
| b) | Дастгоҳҳо барои истеҳсоли чӯян ё пӯлод (гудозиши аввал ё дуюм), аз ҷумла колабрезии беист | Бо иктидори 2,5 тона дар 1 соат | |
| c) | Таҷҳизот барои коркарди металлҳои вазнин (сиёҳ)<br>i) коргоҳҳои қавигардонии сӯзон<br>ii) болғаҳои оҳангарӣ | Бо иқтидори 20 тона маҳсулоти хоми пӯлод дар 1 соат<br>Бо нерӯи 50 киллоҷоул ба як болға ва истеъмоли тавоноии гармӣ аз 20 МВт зиёд. | 10 корманд |
| | iii) Рӯпуш намудани фулузот бо қабати ҳимоявии металӣ | Бо коркарди 2 тона маҳсулоти хоми пулодӣ дар 1 соат | |
| d) | Заводҳои қолабгирии металлҳои вазнин (сиёҳ) | Бо иқтидори истеҳсолии 20 тона дар 1 рӯз | |

| | | |
|---|---|---|
| Дастгоҳ барои:<br>1. Истеҳсоли металлҳои ранга аз маъданҳо, консентратҳо ё маводҳои хоми такрористеҳсол бо истифода аз равандҳои металургӣ, химиявӣ ва электролиз<br>2. Гудозиш, аз ҷумла легиронидани металлҳои ранга, аз ҷумла маҳсулотҳои аз нав қобили истифода қарор додашуда (рафинатсиякунонӣ (тозакунӣ), истехсолоти рехтагарӣ ва ғайра) | *<br>Бо иқтидори гудозиши 4 тонна қурғошим ё 20 тонна дигар ҳама намуд металлҳо дар як рӯз | 10 корманд |
| Таҷҳизот барои коркарди рӯякии металлҳо ва маҳсулоти пластикӣ бо истифода аз равандҳои химиявӣ ва электролиз | Он намуд таҷҳизот, ки ҳаҷми зарфҳо барои коркард дар он 30 м$^3$ ташкил медиҳад | |

| | | |
|---|---|---|
| **Саноати коркарди маъдан** | | |
| Корҳои кӯҳии зеризаминӣ ва амалҳои ба он алоқаманд | * | 10 коргар |
| Истихроҷи рӯизаминии канданиҳои фоиданок | Бо минтакаи истихроҷ дар масоҳати 25 гектар | |
| Таҷҳизот барои истеҳсоли:<br>i) Судаи семент дар кӯраҳои даврзананда<br>ii) Оҳак дар кӯраҳои даврзананда<br>iii) Судаи семент ё оҳак дар дигар намуд кӯраҳо | Бо иқтидори истеҳсолии 500 тонна дар як рӯз бо иқтидори истеҳсолии зиёда аз 50 тонна дар як рӯз<br>Бо иқтидори истеҳсолии 50 тонна дар як рӯз | |
| Таҷҳизот барои истеҳсоли асбест ва маҳсулоте, ки дар таркибаш асбест дорад | * | 10 корманд |
| Таҷҳизот барои истеҳсоли шиша, аз ҷумла шишаи нахӣ | Бо иқтидори гудозиши 20 тонна дар як рӯз | |
| Таҷҳизот барои гудохтани моддаҳои маъданӣ, аз ҷумла маъданҳои нахӣ | Бо иқтидори гудозиши 20 тонна дар як рӯз | |
| Таҷҳизот барои истеҳсоли маҳсулоти сафолӣ бо роҳи гузариш, аз чумла сақфхои сафолӣ, хишт, хишти ба оташ тобовар, порчаҳои сафолӣ, маҳсулоти сангӣ ва ё кулолӣ | Бо иқтидори истеҳсолии 75 тонна дар як рӯз ё бо кӯраҳои ҳаҷмашон 4м$^3$ ва андозаи фишор ба кӯрра 300 кг/м$^3$ | |
| **Саноати химия** | | |
| Таҷҳизоти химиявӣ барои истеҳсоли саноатии моддаҳои зерини органикии химиявӣ:<br>i) Карбогидратҳои оддӣ (хаттӣ ё даврӣ, бойгардондашуда ё бойногардида, бебӯй ё хушбӯй);<br>ii) Карбогидратҳои оксигендор, аз қабили спиртҳо, алдегидҳо, кетонҳо, | | |

| | | |
|---|---|---|
| кислотаҳои карбонӣ, эфирҳои мураккаб, атсетатҳо, эфирҳои содда, перекисҳо, мумҳои эпоксидӣ;<br>iii) Карбогидратҳои сулфур;<br>iv) Карбогидратҳои нитрогенӣ аз қабили аминҳо, амидҳо, пайвстагиҳои нитрогенӣ, нитрилҳо, сианитҳо, изосианитҳо;<br>v) Карбогидратҳои фосфордор; | * | 10 орманд |

| | | |
|---|---|---|
| vi) Карбогидратҳои галогенкардашуда<br>vii) Пайвастагиҳои органикӣ- металлӣ;<br>viii) Маҳсулоти асосии пластикӣ (полимерҳо, наххои сунъӣ (синтетикӣ) ва наххо, ки асосашон селюлоз мебошанд);<br>ix) Каучуки сунъӣ<br>x) Рангҳо ва хокаҳои ранга<br>xi) маводҳои фаъоли рӯйпӯшкунанда | | |
| Таҷҳизоти химиявӣ барои истеҳсоли саноатии моддаҳои зерини химиявии ғайриорганикӣ:<br>i) Газҳо, аз қабили аммиак, хлор ё гидрогени хлордор, фтор ё гидрогени фтордор, оксидҳои карбогидрат, пайвастагиҳои сулфур, оксидҳои нитроген, гидроген, диоксидҳои сулфур, хлорокиси карбон;<br>ii) Кислотаҳо аз қабили кислотаи хром, кислотаи фторогидрогенӣ, кислотаи фосфор, кислотаи нитроген, кислотаи хлорогидрогенӣ, кислотаи сулфур, олеум, кислотаи сулфурдор;<br>iii) Ишқорҳо, аз ҷумла гидрооксиди амоний, гидрооксиди калий, гидрооксиди натрий;<br>iv) Намакҳо, аз қабили амонийи хлор, хлориди калий, карбонати калий, карбонати натрий, перборат, нукраи нитрогендор;<br>v) Ғайриметаллҳо, оксиди металлҳо ва ё дигар пайвастҳои ғайриорганикӣ, аз қабили карбиди калсий, кремний, карбиди кремний; | * | 10 корманд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| C) | Тачҳизоти химиявӣ барои истехсоли саноатии нурихои минералки фосфор, нитроен ё калийдошта: | | * | 10 корманд |
| d) | Тачхизоти химиявӣ барои истеҳсоли саноатии маҳсулотхои асосӣ барои соҳаи растанипарварӣ ва биосидҳо; | | * | |
| e) | Тачҳизот, ки дар онхо барои истеҳсоли саноатии маводҳои асосии доруворӣ равандҳои химиявӣ ё биологӣ истифода мешаванд; | | * | |
| f) | Тачҳизот барои истеҳсоли саноатии маводхои тарканда ва маҳсулоти пиротехникӣ. | | * | |
| 5. | | **Идораи партовҳо ва обҳои ифлос** | | |
| a) | Тачхизот барои сӯзондан, пиролиз, аз нав қобили истифода карор додан, коркарди химиявӣ ё гуронидани партовҳои хавфнок | | Он намудҳое, ки 10 тонна дар як рӯз қабул менамоянд | 10 кормандр |
| b) | Тачҳизоти барои сӯзондани партовҳои маишию коммуналӣ | | Бо маҳсулнокии 3 тонна дар як соат | |
| c) | Тачҳизот барои нобудсозии партовҳои бехавф | | Бо маҳсулнокии 50 тонна дар як рӯз | |
| d) | Партовгоҳҳо (ғайр аз партовгоҳҳо барои партови инертӣ) | | Ба ҳамоне ки дар як рӯз 10 тонна ворид карда мешавад ё ғунҷоиши умумияш 25 000 тона мебошад | |
| e) | Тачҳизот барои нобудсозӣ ё аз гардиш боздоштани гӯшти ҳайвоноти хонагӣ ва партовҳои соҳаи чорводорӣ | | Бо иқидори коркарди 10 тонна дар як рӯз | |
| 0 | Тачҳизот барои тоза намудани оби ифлос дар шаҳрҳо | | Бо маҳсулнокии мутаносибан ба 100 000 нафар аҳолӣ | |
| g) | Тачҳизоти саноатии озод истифодашаванда барои тоза намудани обҳои ифлос, ки як ё зиёда намуди фаъолияти дар замимаи мазкур қайдгардидаро хизматрасонӣ менамоянд | | Бо маҳсулнокии 10 000 $м^3$ дар як рӯз | 10 корманд |
| 6 | | **Истеҳсол ва коркарди коғаз ва чӯб** | | |
| a) | Тачҳизоти саноатии истеҳсоли селюлоза аз чӯб ё дигар маҳсулоти нахдори ба он шабеҳ; | | | 10 корманд |
| b) | Тачҳизоти саноатии истеҳсоли коғаз ва картон ва дигар махсулоти аввала аз чӯб (аз кабили картон, плитаҳои нахдори чӯбин, фанераҳо) | | Бо иқтидори истеҳсолии 20 тонна дар як рӯз | |
| c) | Тачҳизоти саноатии коркарди химиявии чӯб ва маҳсулоти чӯбин | | Бо иқтидори истеҳсолии 50 $м^3$ дар як рӯз | |
| 7. | | **Чорводории фаъол ва моҳипарварӣ** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| a) | Таҷҳизот барои парвариши васеъи парранда ва хук | Барои 40 000 мурғ;<br><br>Барои 2 000 хукҳои парваришёбанда (вазнашон аз 30 кг зиёд);<br><br>Барои 750 модахук; | 10 корманд |
| b) | Моҳипарварии фаъол | 1 000 тонна моҳӣ ва молюск дар як сол | |
| 8. | **Маҳсулоти чорводорӣ ва зироатпарварӣ аз соҳаи истеҳсоли маводи хӯрока ва машрубот** | | |
| a) | Қассобхонаҳо | Бо иқтидори коркарди 50 тонна гӯшт дар як рӯз | 10 корманд |
| b) | Нигоҳубин ва коркард бо мақсади истеҳсоли маводи хӯрокворӣ ва машрубот аз: | | |
| | i) Ашёи хоми чорво (ғайр аз шир)<br><br>ii) Ашёи хоми растанӣ | Бо иқтидори истеҳсоли 75 тонна маҳсулоти тайёр дар як рӯз<br><br>Бо иқтидори истеҳсоли 300 тонна маҳсулоти тайёр дар як рӯз (нишондоди миёна дар асоси ҳисобгирии семоҳа) | 10 корманд |
| c) | Коркард ва азнавистеҳсоли шир | Миқдори шири воридшаванда 200 тонна дар як рӯзро ташкил медиҳад (нишондоди миёна дар асоси ҳисобгирии яксола) | |
| 9 | **Дигар намуди фаъолият** | | |
| | Таҷҳизот барои коркарди пешакӣ (аз қабили шӯстан, сафедкунӣ, мерсеризатсия) ё рангуборкунии нах ва матоъ | Дар он ҳаҷми маҳсулоти коркардшаванда 10 тонна дар як рӯзро ташкил медиҳад | |
| | Таҷҳизот барои даббоғии пӯст | Дар он ҳаҷми коркард 12 тонна маҳсулот дар як рӯзро ташкил медиҳад | |
| | Таҷҳизот барои коркарди рӯякии маводҳо, ашёҳо ё маҳсулот бо истифода аз ҳалкунандаҳои органикӣ, аз ҷумла ҷудосозӣ, нашр, рупушсозӣ, беравғангардонӣ, гидроизолятсиякунонӣ, тоза намудан ва намноксозӣ; | Бо иқтидори истеҳсолии 150 кг дар як соат ё 200 тонна дар як сол | 10 корманд |
| | Таҷҳизот барои истеҳсоли карбон (кокси муқаррарӣ) электрографит бо роҳи сӯзиш ё графитикунонӣ | * | |
| | Таљњизот барои сохтан ва рангубор ё тоза намудани ранги завраќхо | Бо имконоти истењсолии хизматрасонї ба завраќњои аз 100 метр дароз | 10 корманд |

## Қайдҳои тавзеҳӣ

Дар сутуни 1 аҳамияти ҳудудии маҳсулнокӣ дарҷ гардидаанд, ки дар банди 1 (а) моддаи 7 ёдрас карда шудаанд.

Аломати «*» маънои онро дорад, ки аҳамияти ҳудудии маҳсулнокӣ барои ин намуди фаъолият истифода намешавад (талабот оиди ҳисоботдиҳӣ ба ҳама иншоот дахл дорад). Дар сутуни 2 андозаҳои ниҳоӣ барои шумораи коргарон қайд карда шудааст, ки дар банди 1(b) моддаи 7 ёдовар гардидааст.

«10 коргар» эквиваленти 10 коргарро, ки тамоми рӯзи корӣ банд мебошанд, нишон медиҳад.

### ЗАМИМАИ II ИФЛОСКУНАНДАҲО

| № | № КАС | Ифлоскунандахо | Андозахои ниҳоии интиқол (сутуни 1) | | | Андозаҳои ниҳоии интиқоли ифлоскунандаҳо берун аз минтақа Сутуни (2) кг/сол | Андозаҳои ниҳоии истеҳсол, коркард ё истифода Сутуни (3) кг/сол |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ба ҳаво (сутуни 1(а)) кг/сол | Ба об (сутуни 1 (b)) кг/сол | Ба хок (сутуни 1(c)) кг/сол | | |
| 1 | 74-82-8 | Метан (СН4) | 100000 | – | – | – | * |
| 2 | 630080 | Оксиди карбон (СО) | 500 000 | - | - | - | * |
| 3 | 124-38-9 | Диоксиди карбон (С02) | 100 000 000 | – | – | - | * |
| 4 | | Гидрофторкарбон (ГФК) | 100 | - | - | - | * |
| 5 | 10024- 97-2 | Оксиди нитроген (N20) | 10 000 | – | – | – | * |
| 6 | 7664-41- 7 | Аммиак (NH3) | 10 000 | – | – | – | 10 000 |
| 7 | | Пайвастагиҳои метан надоштаи ғайриорганикии паррон (НМЛОС) | 100 000 | | | | * |
| 8 | | Оксидҳои нитроген (NOX/N02) | 100 000 | – | – | – | * |
| 9 | | Перфторкарбонҳо (ПФК) | 100 | – | - | – | * |
| 10 | 2551-62- 4 | Сулфури фтордор (6) (SF6) | 50 | – | – | – | * |
| 11 | | Оксидҳои сулфур (SOX/S02) | 150 000 | - | – | – | * |
| 12 | | Ҳаҷми умумии нитроген | – | 50 000 | 50 000 | 10 000 | 10 000 |
| 13 | | Ҳаҷми умумии фосфор | - | 5 000 | 5 000 | 10 000 | 10 000 |
| 14 | | Гидрохлорфторкарбон (ГХФК) | 1 | – | - | 100 | 10 000 |
| 15 | | Хлорфторкарбон (ХФК) | 1 | – | - | 100 | 10 000 |
| 16 | | Галонҳо | 1 | – | - | 100 | 10 000 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 17 | 7440-38-2 | Арсен ва пайвастагихои он (дар намуди As) | 20 | 5 | 5 | 50 | 50 |
| 18 | 7440-43- 9 | Кадмий ва пайвастагиҳои он (дар намуди Cd) | 10 | 5 | 5 | 5 | 5 |
| 19 | 7440-47- 3 | Хром ва пайвастагиҳои он (дар намуди Cr) | 100 | 50 | 50 | 200 | 10 000 |
| 20 | 7440-50- 8 | Мис ва пайвастагиҳои он (дар намуди Cu) | 100 | 50 | 50 | 500 | 10 000 |
| 21 | 7439-97- 6 | Симоб ва пайвастагиҳои он (дар намуди Hg) | 10 | 1 | 1 | 5 | 5 |
| 22 | 7440-02- 0 | Никел ва пайвастагиҳои он (дар намуди Ni) | 50 | 20 | 20 | 500 | 10 000 |
| 23 | 7439-92- 1 | Қурғошим ва пайвастагиҳои он (дар намуди Pb) | 200 | 20 | 20 | 50 | 50 |
| 24 | 7440-66- 6 | Руҳ ва пайвастагиҳои он (дар намуди Zn) | 200 | 100 | 100 | 1 000 | 10 000 |
| 25 | 15972- 60-8 | Алахлор | - | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 26 | 309-00-2 | Алдрин | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 27 | 1912-24- 9 | Атразин | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 28 | 57-74-9 | Хлордан | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 29 | 143-50-0 | Хлордекон | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 30 | 470-90-6 | Хлорфенвинфос | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 31 | 85535- 84-8 | Хлороалканхо, C10-C13 | – | 1 | 1 | 10 | 10 000 |
| 32 | 2921-88- 2 | Хлорпирифос | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 33 | 50-29-3 | ДДТ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 34 | 107-06-2 | 1,2-дихлорэтан (ДХЭ) | 1 000 | 10 | 10 | 100 | 10 000 |
| 35 | 75-09-2 | Дихлорметан (ДХМ) | 1 000 | 10 | 10 | 100 | 10 000 |
| 36 | 60-57-1 | Дилдрин | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 37 | 330-54-1 | Диурон | - | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 38 | 115-29-7 | Эндосулфан | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 39 | 72-20-8 | Эндрин | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 40 | | Пайвастагиҳои галогенкунонидаи ғайриорганикӣ (дар намуди АОГ) | | 1 000 | 1 000 | 1 000 | 10 000 |
| 41 | 76-44-8 | Гептахлор | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 42 | 118-74-1 | Гексахлорбензол (ГХБ) | 10 | 1 | 1 | 1 | 5 |
| 43 | 87-68-3 | Гексахлорбутадиен (ГХБД) | | 1 | 1 | 5 | 10 000 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 44 | 608-73-1 | 1,2,3,4,5,6-гексахлорсиклогек-сан (ГХГ) | 10 | 1 | 1 | 1 | 10 |
| 45 | 58-89-9 | Линдан | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 46 | 2385-85- 5 | Мирекс | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 47 | | ПХДД+ПХДФ (диоксинҳо+фуранҳо) (дар шакли э.т.) | 0,001 | 0,001 | 0,001 | 0,001 | 0,001 |
| 48 | 608-93-5 | Пентахлорбензол | 1 | 1 | 1 | 5 | 50 |
| 49 | 87-86-5 | Пентахлорфенол (ПХФ) | 10 | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 50 | 1336-36-3 | Дифенилхои полихлор (ПХД) | од | 0,1 | 0,1 | 1 | 50 |
| 51 | 122-34-9 | Симазин | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 52 | 127-18-4 | Тетрахлорэтилен (ТХЭ) | 2 000 | – | – | 1 000 | 10 000 |
| 53 | 56-23-5 | Тетрахлорметан (ТХМ) | 100 | – | – | 1 000 | 10 000 |
| 54 | 12002- 48-1 | Трихлорбензолҳо (ТХБ) | 10 | – | – | 1 000 | 10 000 |
| 55 | 71-55-6 | 1,1,1-трихлорэтан | 100 | – | – | 1 000 | 10 000 |
| 56 | 79-34-5 | 1,1,2,2-тетрахлорэтан | 50 | – | – | 1 000 | 10 000 |
| 57 | 79-01-6 | Трихлорэтилен | 2 000 | - | – | 1 000 | 10 000 |
| 58 | 67-66-3 | Трихлорметан | 500 | – | – | 1 000 | 10 000 |
| 59 | 8001-35-2 | Таксофен | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 60 | 75-01-4 | Винилхлорид | 1 000 | 10 | 10 | 100 | 10 000 |
| 61 | 120-12-7 | Антрасен | 50 | 1 | 1 | 50 | 50 |
| 62 | 71-43-2 | Бензол | 1 000) | 200 (дар шакли ВТЕХ) | 200 (Дар шакли ВТЕХ) | 200 (дар шакли ВТЕХ) | 10 000 |
| 63 | | Эфирҳои дифенилии бромдор (БДЭ) | | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 64 | | Нонилфенол этоксилатҳо (НФ/НФЭ) ва моддаҳои ба он алоқаманд | | 1 | 1 | 5 | 10 000 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 65 | 100-41-4 | Этилбензол | | 200 (дар шакли BTEX) | 200 (Дар шакли BTEX ±_ | 200 (дар шакли BTEX) | 10 000 |
| 66 | 75-21-8 | Оксиди этилен | 1 000 | 10 | 10 | 100 | 10 000 |
| 67 | 34123- 59-6 | Изопротурон | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 68 | 91-20-3 | Нафталин | 100 | 10 | 10 | 100 | 10 000 |
| 69 | | Пайвастагиҳои органотӣ (дар шакли Sn) | - | 50 | 50 | 50 | 10 000 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 70 | 117-81-7 | Ди- (2-этилгексил) фталат (ДЭГФ) | 10 | 1 | 1 | 100 | 10 000 |
| 71 | 108-95-2 | Фенолҳо (дар шакли С) | – | 20 | 20 | 200 | 10 000 |
| 72 | | Карбонатҳои хушбӯйи полисиклӣ (ПАУ)b | 50 | 5 | 5 | 50 | 50 |
| 73 | 108-88-3 | Толуол | | 200 (дар шакли BTEX) | 200 (дар шакли BTEX J_ | 200 (дар шакли BTEX) | 10 000 |
| 74 | | Трибутилин ва пайвастагихо | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 75 | | Трифенилтин ва пайвастагихо | | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 76 | | Карбони мукаррарии органикй (ООУ) (дар шакли С ё ХПК/3) | | 50 000 | | | ** |
| 77 | 1582-09- 8 | Трифлуралин | – | 1 | 1 | 5 | 10 000 |
| 78 | 1330-20- 7 | Ксилолҳо | | 200 (дар шакли BTEX) | 200 (дар шакли BTEX) | 200 (дар шакли BTEX) | 10 000 |
| 79 | | Хлоридҳо (дар шакли C1 умумӣ) | – | 2 000 000 | 2 000 000 | 2 000 000 | 10 000c |
| 80 | | Хлор ва пайвастагиҳои ғайриорганикӣ (дар шакли HC1) | 10 000 | - | - | - | 10 000 |
| 81 | 1332-21- 4 | Асбест | 1 | 1 | 1 | 10 | 10 000 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 82 | | Сианидҳо (дар шакли умумии CN) | – | 50 | 50 | 500 | 10 000 |
| 83 | | Фторидҳо (дар шакли умумии F) | – | 2 000 | 2 000 | 10 000 | 10 000с |
| 84 | | Фтор ва пайвастагиҳои ғайриорганикӣ (дар шакли HF) | 5 000 | - | - | - | 10 000 |
| 85 | 74-60-8 | Гидрогени сианитдор (HCN) | 200 | - | - | – | 10 000 |
| 86 | | Заррахои сахт $ТЧ_{10}$ | 50 000 | - | - | - | * |

## Қайдҳои тавзеҳӣ

Рақами КАС ифлоскунанда маънои баробаркунандаи амиқ дар КАС- ро ифода менамояд (Номгуи пайвастагиҳои кимиёвӣ).

Дар сутуни 1 аҳамияти ҳудудие, ки дар бандҳои 1 (а)(i) ва (iv) моддаи 7 зикр ёфтаанд, оварда шудаанд. Дар сурати, агар аҳамияти ҳудудӣ дар зерсутуни мазкур (ба ҳаво, об ё замин) афзоиш ёбад, пас барои он Тарафҳое, ки системаи пешниҳоди маълумотро тибқи банди 1 (а) моддаи 7 интихоб намудаанд, пешниҳоди маълумот аз рӯйи иншооти дахлдор оид ба партовҳо, ё дар мавриди ифлоскунандаҳо, ки дар таркиби обҳои ифлос мавҷуданд, ва барои тоза намудани обҳои ифлос пешбинӣ шудаанд, дар хусуси интиқол ба муҳити зист, ки дар зерсутуни мазкур зикр шудааст, талаб карда мешавад.

Дар сутуни 2 аҳамияти ҳудудие, ки дар бандҳои 1 (а)(ii) моддаи 7 зикр ёфтаанд, оварда шудаанд. Дар сурати, агар аҳамияти ҳудудӣ дар сутуни мазкур ба ин ифлоскунанда афзоиш ёбад, пас барои он Тарафҳое, ки системаи пешниҳоди маълумотро тибқи банди 1 (а) (ii) моддаи 7 интихоб намудаанд, пешниҳоди маълумот аз рӯйи иншооти дахлдор оид ба интиқоли ин ифлоскунандаҳо берун аз қитъа талаб карда мешавад.

Дар сутуни 3 аҳамияти ҳудудие, ки дар бандҳои 1 (b) моддаи 7 зикр ёфтаанд, оварда шудаанд. Дар сурати, агар аҳамияти ҳудудӣ дар сутуни мазкур барои ин ифлоскунанда афзоиш ёбад, пас барои он Тарафҳое, ки системаи пешниҳоди маълумотро тибқи банди 1 (b) моддаи 7 интихоб намудаанд, пешниҳоди маълумот аз рӯйи иншооти дахлдор оид ба партовҳо ва интиқоли ин ифлоскунандаҳо берун аз қитъа талаб карда мешавад.

Аломати «-» ба он ишора мекунад, ки параметри мазкур ба талаботи пешниҳоди маълумот ҷавобгӯ нест.

Аломати «*» ба он ишора мекунад, ки барои ин ифлоскунандаҳо аҳамияти ҳудудии партовҳоро, ки дар сутуни 1 (а) зикр ёфтааст, на он аҳамияти ҳудудие, ки барои истеҳсолот, коркард ё истифодабарӣ пешбинӣ шудааст, бояд истифода бурд.

Аломати «**» ба он ишора мекунад, ки барои ин ифлоскунандаҳо аҳамияти ҳудудии партовҳоро, ки дар сутуни 1 (b) зикр ёфтааст, на он аҳамияти ҳудудие, ки барои истеҳсолот, коркард ё истифодабарӣ пешбинӣ шудааст, бояд истифода бурд.

## Эзоҳҳои варақ

[а] Ифлоскунандаҳои алоҳида, ки аз рӯйи онхо бояд маълумот пешниҳод гардад, дар сурати афзоиш ёфтани аҳамияти ҳудудӣ барои BTEX (параметри ҷамъбастӣ барои бензол, толуол, этилбензол ва ксилен).

[б] Карбогидридҳои полисиклии муаттар (КПМ) чун бензо(а)пирен (50-32-8), бензо(в)флуорантен (205-99-2), бензо(к)флуорантен (207-08-9), идено(1,2,3- cd)пирен (193- 39-5) чен карда мешаванд (аз Протокол оид ба ифлоскунандаҳои устувори органикӣ ба Конвенсия оид ба ифлосшавии байнисарҳадии ҳаво дар масоҳати калон гирифта шудааст).

[в] Дар шакли пайвастагиҳои ғайриорганикӣ.

## ЗАМИМАИ III
## ҚИСМИ А
## АМАЛИЁТ ҶИҲАТИ НОБУДСОЗӢ («Н»)

- Ба замин гӯр кардан ё партофтан (масалан, ба ахлотҷой).
- Коркарди замин (масалан, вайроншавии биокимиёвии партовҳои моеӣ ва ё шламӣ дар хок ва ғайра).
- Фишор дода даровардан ба чуқурии калон (масалан, фишор дода даровардани партовҳои дарачаи ғилзати муайян ба чоҳҳо, қуббаҳои намак ё махзанҳои табиӣ).
- Партофтан ба анборҳои сатҳӣ (мисол, партофтан ба ҷойи ҷудогона бо рӯйпӯши ҳимоякунанда, ки бо сарпӯш маҳкам карда шуда, аз ҳамдигар ва муҳити зист ҷудо нигоҳ дошта мешаванд).
- Партофтан ба обанборҳо, ба ғайр аз баҳрҳо/уқёнусҳо.
- Партофтан ба баҳрҳо/уқёнусҳо, аз ҷумла гӯр кардан дар каъри баҳр.
- Коркарди биологӣ, ки дар дигар қисмҳои замимаи мазкур зикр наёфтааст ва ба ташкил шудани пайвастагиҳои ниҳоӣ ё омехтаҳо оварда мерасонад, ки баъдтар тавассути ягон усул, ки дар қисми мазкур зикр шудааст, нобуд сохта мешавад.
  Коркарди физикӣ- кимиёвӣ, ки дар дигар қисмҳои замимаи мазкур зикр наёфтааст ва ба ташкил шудани пайвастагиҳои ниҳоӣ ё омехтаҳо оварда мерасонад, ки баъдтар тавассути ягон усул, ки дар қисми мазкур зикр шудааст, нобуд сохта мешавад.
- Коркарди физикӣ-кимиёвӣ, ки дар дигар қисмҳои замимаи мазкур зикр наёфтааст ва ба ташкил шудани пайвастагиҳои ниҳоӣ ё омехтаҳо оварда мерасонад, ки баъдтар тавассути ягон усул, ки дар қисми мазкур зикр шудааст, нобуд сохта мешавад (масалан, буғ дода тоза кардан, хушккунӣ, тафсонидан, бетаъсир кардан, таҳшин кардан).
  - Сӯзондан дар хушкӣ.
  - Сӯзондан дар баҳр.
  - Гур кардан (масалан, ҷойгир намудани контейнерҳо дар чоҳҳо).
  - Гирифтани омехтаҳои якхела ё гуногун то оғоз шудани ягон амалиёт, ки дар қисми мазкур зикр ёфтааст.
  - Аз нав печонда бастан то оғоз шудани ягон амалиёт, ки дар қисми мазкур зиёр ёфтааст.
  - Нигоҳдорӣ то интизор шудани ягон амалиёт, ки дар қисми мазкур зикр ёфтааст.

## ҚИСМИ Б
## АМАЛИЁТ ҶИҲАТИ РЕКУПЕРАТСИЯ
## (АЗ НАВ ҚОБИЛИ ИСТИФОДА КАРДАНИ ПАРТОВ) («Р»)

- Истифодабарӣ ба сифати сӯзишворӣ (ба ғайр аз сӯзонидани бевосита) ё ба таври дигар ҷиҳати ба даст овардани қувва.
- Нобудсозӣ/ барқарор намудани ҳалкунандаҳхо.
- Аз нав даврзанӣ/нобудсозии моддаҳои органикӣ, ки ба сифати ҳалкунандаҳо истифода бурда намешаванд.
- Аз нав даврзани/нобудсозии фулуз ва пайвастагиҳои он.
- Аз нав даврзанӣ/нобудсозии дигар моводи ғайриорганикӣ.
- Барқароршавии кислотаҳо ё асосҳо.
- Аз нав қобили истифода қарор додани таркибҳо, ки барои мубориза зиддии ифлоскунандаҳо истифода бурда мешаванд.
- Аз нав қобили истифода қарор додани таркибҳои катализаторҳо.
- Тақтири такрории маҳсулоти нефти истифодашуда ё иҷрои такрории дигар маҳсулоти нефти қаблан истифодашуда.
- Коркарди замин, ки ба зироаткорӣ ба таври мусбӣ мусоидат менамояд ё вазъи экологиро беҳтар менамояд.

- Истифода бурдани маводи боқимонда аз ягон амалиёт оид ба аз нав қобили истифода карор додани он, ки дар қисми мазкур омадааст.
- Мубодилаи партовҳо ҷиҳати истифодабарии онҳо дар амалиёт оид ба аз нав қобили истифода қарор додани онҳо, ки дар қисми мазкур зикр шудааст.
- Дар як ҷо ҷамъ намудани мавод, ки барои истифодабарии минбаъда дар ягон амалиёт, ки дар қисми мазкур омадааст, пешбинӣ шудааст.

**ЗАМИМАИ IV**

**АРБИТРАЖ**

1. Дар сурати супоридани баҳс ба тафтишоти арбитражӣ, мутобиқи банди 2 моддаи 23 Протоколи мазкур, Тараф ё Тарафҳо тавассути роҳҳои дипломатӣ дигар Тараф ё дигар тарафҳои баҳскунанда, инчунин котиботро оид ба предмети тафтишоти арбитражӣ огоҳ месозанд ва алалхусус, ба моддахои Протоколи мазкур вобаста ба тафсир ё татбиқе, ки бинобар он баҳс ба амал омадааст, ишора мекунанд. Котибот маълумоти бадастомадаро ба ҳамаи тарафҳои Протоколи мазкур ирсол менамояд.

2. Суди арбитражӣ (ҳакамҳо) аз чор нафар иборат аст. Чун Тараф - даъвогар ё тарафҳо- даъвогарони баҳс яктогӣ ҳакам интихоб мекунанд, ва ду ҳакаме, ки бо ин усул интихоб мешаванд бо розигии дутарафа ҳаками сеюмро интихоб менамоянд, ки вазифаи раиси суди арбитражиро иҷро мекунад. Раис наметавонад шаҳрванди яке аз тарафҳои бахскунанда ё дар ҳудуди яке аз ин тарафҳо макони ҷойи зист дошта бошад, наметавонад дар хизмати онҳо бошад ё ба сифати дигар ба ин кор алоқаманд бошад.

3. Дар сурати гузаштани ду моҳ пас аз интихоби ҳаками дуюм раиси суди арбитражӣ интихоб нашуда бошад, бо хоҳиши ягон тарафи баҳскунанда Котиби иҷроияи Комиссияи аврупоии иқдисодӣ дар муддати ду моҳ раисро интихоб менамояд.

4. Дар сурати агар ягон тараф дар муддати ду моҳ пас аз гирифтани огоҳинома, ки дар банди 1 зикр шудааст, ҳакамро интихоб накунад, пас тарафи дуюм метавонад дар ин бора Котиби иҷроияи Комиссияи аврупоии иқтисодро хабардор созад, ки раиси суди арбитражиро дар муддати ду моҳ интихоб менамояд. Пас аз таъин шудан раиси суди арбитражӣ аз тарафе, ки то ҳол ҳакамро интихоб накардааст, хоҳиш мекунад ин корро дар муддати ду моҳ иҷро намояд. Агар ин кор дар муддати муайяншуда ичро нагардад, раис дар ин бора Котиби иҷроияи Комиссияи аврупоии иқтисодро хабардор созад, ки чунин таъинотро дар муддати ду моҳ мегузаронад.

5. Суди арбитражӣ қарори худро мутобиқи ҳуқеқи байналмилалӣ ва муқаррароти Протоколи мазкур мебарорад.

6. Ҳамаи судҳои арбитражӣ, ки тибқи муқаррароти замимаи мазкур таъсис дода шудаанд, қоидаҳои расмиёти худро кор карда мебароранд.

7. Қарорҳои суди арбитражӣ, чӣ аз рӯйи масоили расмиётӣ ва чӣ аз рӯйи моҳияти масъалаҳо бо аксари овозҳои аъзоҳо қабул мегарданд.

8. Суд метавонад тамоми чораҳои зарурирo ҷиҳати муқаррар намудани далелҳо қабул намояд.

9. Тарафҳои баҳскунанда ба кори суди арбитражӣ мусоидат менамоянд, алалхусус, тавассути тамоми воситаҳои дар ихтиёрашон мавҷудбуда:

а) ба суд тамоми ҳуҷҷатҳо, шартҳо ва маълумоти дахлдорро пешниҳод менамоянд;

б) ҳангоми зарурат имконияти ба суд даъват намудани шоҳидон ё экспертҳо ва шунидани гувоҳии онҳоро фароҳам менамоянд.

10. Тарафҳои баҳскунанда ва аъзои суди арбитражӣ махфияти ҳама гуна маълумотро, ки ба онҳо дар ҷараёни тафтишот дастрас мешавад, риоя мекунанд.

11. Суди арбитражӣ метавонад аз рӯйи хоҳиши яке аз тарафҳо қабули чораҳои муваққатии ҳимояро тавсия диҳад.

12. Дар сурати, агар яке аз тарафҳои баҳскунанда ба суди арбитражӣ ҳозир намешавад ё дар тафтишоти парвандаи худ иштирок намекунад, тарафи дигар метавонад аз суд хоҳиш намояд, ки тафтишотро идома дода, қарори ниҳоии худро барорад. Ҳозир набудани яке аз тарафҳо дар суд ё иштирок накардани як тараф дар тафтишот аз рӯйи парванда ҷиҳати бурдани тафтишот монеъа шуда наметавонад. То баровардани қарори ниҳоии худ, суди арбитражӣ бояд боварӣ ҳосил намояд, ки даъво амалан ва ҳуқуқан асоснок карда шудааст.

13. Суди арбитражӣ метавонад даъвои мутақобилро шунавад, ки бевосита аз моҳияти баҳс пайдо мешавад ва аз рӯйи онҳо қарор барорад.

14. Агар суди арбитражӣ қарори дигар қабул накунад, вобаста ба ҳолати кор, хароҷоти суд, аз ҷумла пардохти хизматрасонии аъзои суд, аз ҷониби Тарафҳои баҳскунанда баробар пӯшонда мешаванд. Суд ҳамаи хароҷоти худро қайд намуда, ба тарафҳои баҳскунанда ҳисоботи ниҳоии ин хароҷотро пешниҳод мекунад.

15. Ҳар як Тарафи Протоколи мазкур, ки ба предмети баҳс манфиати хусусияти ҳуқуқидошта дорад, метавонад бо розигии суд дар тафтишот иштирок намояд.

16. Суди арбитражӣ қарори худро дар муддати панҷ моҳ аз рӯзи таъсисёбии худ мебарорад, агар тамдид додани мӯҳлатро ба муддати на зиёдтар аз панҷ моҳ зарур нашуморад.

17. Қарори суди арбитражӣ бо баён намудани сабабҳо баровarda мешавад. Ин қарор барои ҳамаи тарафҳои баҳскунанда ниҳоӣ ва ҳатмӣ мебошад. Суди арбитражӣ қарори худро ба тарафҳои баҳскунанда ва котибот ирсол менамояд. Котибот маълумоти бадастомадаро ба ҳамаи Тарафҳои Протоколи мазкур мефиристад.

18. Ҳамаи баҳсҳое, ки байни тарафҳо вобаста ба тафсир ё иҷрои қарори суд пайдо мешаванд, аз ҷониби ягон Тараф ба суди арбитражӣ, ки ин қарорро баровардааст, супурда мешавад, ё дар сурати имконнопазирии хизматрасонии охирин - аз суди дигар, ки чун суди аввал, бо ин мақсад ва ҳамин тавр таъсис дода мешавад, истифода бурдан мумкин аст.